**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

**ВБД: 891.550.092**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**АБДУЛЗОДА ЗИЁДУЛЛО НАЗАР**

# «ТУҲФАИ ШОҲӢ» – И МИРЗО АБДУЛАЗИМИ СОМӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАЪРИХӢ

**Автореферати**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих)**

**Душанбе – 2023**

Диссертатсия дар Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Убайдулло Насрулло Каримзода,** доктори илмҳои таърих, профессор, директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Ҳотамов Намоз Басарович** – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. |
| | **Пирумшоев Мунир Ҳайдаршоевич –** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон. |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | **МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.** |

Ҳимояи диссертатсия 21 сентябри соли 2023 соати $13^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 035 барои ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ва доктори илмҳо таърих, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) амал мекунад, баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) ва сомонаи расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www.institute–history.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи "_____"____________с. 2023 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Иброҳимов М.Ф.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Дар замони истиқлол барои таҳқиқи амиқ ва густурдаи таърихи халқи тоҷик ва дигар мардумони минтақаи Осиёи Миёна имконоти бештаре фароҳам омад. Қабл аз ҳама имрӯз осори хаттии зиёде, ки дорои ахбори гаронбаҳо аз таърих, иқтисод, одоту фарҳанги халқҳову кишварҳо ҳастанд, барои пажуҳишгарон бештар дастрасанд. Аммо иттилоот ва матолиби на ҳамаи ин манобеъ то ҳанӯз ба тарзи кофӣ мавриди таҳқиқу баррасии интиқодии илмӣ қарор гирифтаанд.

Ҳарчанд теъдоди бештари ин дастнависҳо аз тарафи таърихнигорони дарборӣ ва ё бо супориши ҳокимони замон нигошта шуда, аз таҳлил ва тасвири бисёр масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ худро канор гирифта бошанд ҳам, матолиби фаровон ва арзишмандеро доир ба таърих, фарҳанг ва низоми сиёсию иҷтимоӣ доро мебошанд. Ин навъ таърихномаҳо, одатан бо супориши ҳокиме, ба ситоиш ва таъриф аз корнома ва олиҳимматии онон навишта мешуданд. Дар маркази ин таърихномаҳо ҳикояти ҷанг ва лашкаркашиҳо, муносиботи миёни ҳокимон, таърихи дарбор ва дарбориён қарор доштанд. Рӯҳияи тамаллуқ ва хушомадгӯӣ тақрибан ҳамаи таърихномаҳои замони пешинро фаро гирифтааст.

Сарчашмаҳои хаттии таърихӣ, пеш аз ҳама аз он нуқтаи назар ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд, ки онҳо новобаста аз сифат ва арзиши худ моро аз кадом як воқеаи ношинохтае огоҳ месозанд ё аз ҳодисаи мушаххас ва муайян хабари тозае медиҳанд. Яке аз чунин рисолаҳои таърихӣ асари "Туҳфаи шоҳӣ" – и Мирзо Абдулазими Сомии Бӯстонист, ки аз манобеи арзишманди даврони ҳукумати хонадони манғит дар аморати Бухоро маҳсуб мешавад. Аз он ҷо, ки муаллифи ин рисола худ муддати тӯлонӣ дар хидмати амир Музаффар (1860 – 1885) буд ва вазифаи воқеанигори расмии сипоҳи Бухороро ба зимма дошт, шоҳиди бевоситаи бисёре аз вақоеи даврони ҳукумати ин амир, амсоли ҷангҳои ӯ бо ҳокимони Шаҳрисабз ва Россия маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ин асар доир ба даврони ҳукмронии амир Музаффар иттилооти муҳим ва пурарзишеро ба муҳаққиқон дода, аз манобеи хаттии дасти аввали ҳаводиси таърихии нимаи дуюми асри XIX ба шумор меравад. Маҳз вобаста ба ҳамин арзишҳо омӯзиши он ҳамчун манобеи муҳимми таърихи миёна ва нимаи дуюми асри XIX халқи тоҷик дар доираи як рисолаи номзадӣ мавриди таҳқиқ интихоб гардид.

Маълумоти асари "Туҳфаи шоҳӣ" – и Мирзо Абдулазими Сомии Бӯстонӣ доир ба аморати Бухоро ва дигар хонигариҳои Осиёи Миёна, истило шудани онҳо аз тарафи Россияи подшоҳӣ ба бисёр саҳифаҳои торики таърихи ин давра равшанӣ меандозад ва ба доираи

илмӣ кашидани ин манбаи хаттӣ ба далоили зерин мубрам будани мавзӯи интихобшударо ифода мекунад:

муаллиф бинобар мавқеи баланди иҷтимоии худ ба ҳама гуна маводи расмӣ дастрасӣ дошта, онҳоро дар рисолаи худ истифода кардааст;

– ба бисёре аз ҳодисаҳое, ки дар замони амир Музаффар рух додаанд, Сомӣ шоҳиди бевосита буд;

– дар асар аснод, арқом, сановот ва номҳои ашхос фаровон дарҷ ёфтаанд, ки аксаран дар зоти худ нодиранд;

– муқобилаи ахбори "Тухфаи шоҳӣ" бо осори ҳамзамононаш заминаи муҳимме барои инъикоси воқеъбинонаи таърихи нимаи дуюми асри XIX фароҳам меоварад.

Дар қолаби як рисолаи номзадӣ ин мавзуъ то ҳол мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор нагирифтааст ва барои ташхиси комили асар воҷиб аст, ки маълумоти он бо ахбори манобеи дигар аз нуқтаи назари интиқодӣ муқоиса ва муқобила шавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Таърихи аморати Бухоро пайваста таваҷҷуҳи олимони хориҷию маҳаллиро ба худ ҷалб менамуд. Пас аз истило шудани минтақа аз тарафи Россияи подшоҳӣ пажуҳандагони зиёд ба минтақа ворид шуда, таҳқиқоти ҷолибе доир ба таъриху фарҳанг ва этнографияи он анҷом доданд. Дар ҳамин раванд чандин сарчашмаҳои хаттӣ ва рисолаҳои муаллифони маҳаллӣ тарҷума ва ё чоп низ шуданд. Аммо омӯзиши интиқодии бисёре аз осори хаттии ин давра ба таври матлуб ба анҷом нарасиданд. Аз ҷумла, асари Мирзо Абдулазими Сомӣ ва рисолаи таърихии "Тухфаи шоҳӣ" – ӯ. Аммо баъдан дар замони шӯравӣ ва пас аз он дар ин самт корҳои зиёди дигаре рӯйи чоп омаданд. Имрӯз омӯзиши асари Мирзо Абдулазими Сомӣ ва умуман таърихи манғитиён танҳо ба як кишвари маҳдуд хос нест. Доираи пажуҳиши ин мавзуъ ба ҷуғрофияи кишварҳое, ки собиқан ба доираи тасарруфи ин сулола ҷойгир буданд ва ё дар марҳалаи муайяни замонӣ ба ин кишварҳо таваҷҷуҳ шудааст, вобаста аст. Бо дарназардошти ин осори дар ин замина мунташиршударо метавон ба чаҳор гурӯҳ ҷудо намуд.

**Ба гурӯҳи якум** асарҳо ва таҳқиқоте дохил мешаванд, ки таърихи нимаи дуюми асри XIX аморати Бухороро дар заминаи сарчашмаҳои хаттӣ ва маводи бойгониҳо таҷассум кардаанд. Аз ҷумла, асарҳои бунёдии "История таджикского народа" дар 3 ҷилду 5 китоб[1] ва таҳқиқоти бунёдии шашҷилдаи "История таджикского народа"[2], инчунин рисолаҳои илмие, ки дар ин самт таълиф гардидаанд.

[1] История таджикского народа. Т. II. Кн. 1, 2.- М.: Наука, 1964.- 492, 355 с.

[2] История таджикского народа. Т.IV. Позднее средневековье и новое время (XVI-1917 г.). Под общей редакцией академка Р.М. Масова.- Душанбе, Дониш, 2010.- 1124 с.

**Ба гурӯҳи дуюм** он асарҳое дохил мешаванд, ки дар Россия ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нашр шудаанд. Муҳаққиқон Г.Н.Чабров[3], И.С.Брагинский[4], Л.М.Епифанова[5], О.А.Егоренко[6] дар таҳқиқоти хеш ҳаёти Мирзо Абдулазими Сомӣ ва осори ӯро то андозае баррасӣ намудаанд. Хидмати Л.М.Епифанова дар шинохти Мирзо Абдулазими Сомӣ ва ба гардиши илмӣ ворид кардани осори таърихии ӯ хеле назаррас аст.

Муҳаққиқ Егоренко О.А. кӯшиш намудааст, ки вазъи халқҳои аморати Бухороро дар замони протекторати рус ба тарозуи масоили таърихнигорӣ гузошта, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии онро воқеъбинона баррасӣ намояд. Ӯ дар тақвияти нигоштаҳои Сомӣ дар хусуси муҳорибаи Майдагулон (майи соли 1866) чунин ибрози андеша мекунад, ки ташаббускорони ин задухӯрд рӯҳониёни мусалмон буданд, ки ҷиҳодро бар зидди Россия эълон доштанд[7].

**Гурӯҳи сеюм**, осори таърихию адабианд, ки дар Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар шинохти шахсият ва ақоиди таърихӣ – сиёсии Мирзо Абдулазими Сомӣ саҳми муҳаққиқони афкори таърихии халқи тоҷик амсоли С. Айнӣ[8], Б.Ғафуров[9], З. Раҷабов[10] хеле назаррас аст. Садриддин Айнӣ дар қисмати дувуми "Намунаи адабиёти тоҷик" оид ба кору пайкор ва таълифоти Сомӣ маълумоти мухтасар оварда, ҳамзамон дар нигоштани асари таърихии худ "Таърихи амирони манғитияи Бухоро" аксаран ба "Таърихи амирони манғития" – и Мирзо Абдулазими Сомӣ такя намудааст.

Академик Б.Ғафуров дар "Таърихи мухтасари халқи тоҷик"[11] Сомиро "муаррихи тоҷик" ном бурда, дар инъикоси вазъи сиёсии нимаи дувуми асри XIX аморати Бухоро ба асарҳои ӯ такя намуда, аз он чандин маротиба иқтибос меорад. Мавсуф дар истинод ба

---

[3] Чабров Г.Н. Новый источник по истории Бухарского ханства. Бюлл. АН Уз. ССР. - Ташкент, 1947, №2. – С. 23-30.

[4] Брагинский И.С. Садриддин Айни. Материалы к биографии и творческой характеристике. – Сталинабад,1948. -24 с.

[5] Мирза Абдалазим Сами. История маныткских государей, правивших в столице, благородной Бухаре. («Тарих-и салатин-и мангитийа» дар ас-салтана-и Бухараи шариф). Тарҷумаи Епифанова Л.М. ИВЛ, 1962. 331 с.; Ҳамин муаллиф: Рукописные источники Института Востоковедения академии Наук УзССР по истории Средней Азии периода присоединения к России (Бухара). - Ташкент,1965. - С.22-42.

[6] Егоренко О.А. Бухарский эмират в период протектората России (1868-1929 гг.). Историография проблемы. - М.,2008.

[7]Егоренко О.А. Бухарский эмират в период протектората России (1868-1929 гг.). - С.32.

[8] Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. Душанбе, 2010. С.231-233.; Ёддоштҳо. Ҷилди 7. - М.,1961.- С.17-19.

[9] Гафуров Б.Г. История таджикского народа, Т.1.- 1963. - С.419-422.

[10] Раҷабов З. Мирзо Азими Сомӣ ва осори ӯ. Шарқи сурх, № 5. - 1947. - С. 96-110.

[11] Гафуров Б.Г. История таджикского народа, Т.1. - 1963. - С.419-422.

нигоштаҳои Сомӣ музаффариятҳои лашкари подшоҳии русро дар забти хонигарии Хӯқанд ва аморати Бухоро қисман дар ҷангҳои байниҳамдигарии хонигариҳо мешуморад.

З.Ш. Раҷабов дар мақолаи илмии худ “Мирзо Азими Сомӣ ва осори ӯ” оид ба “Туҳфаи шоҳӣ” мухтасар маълумот дода, аҳаммияти таърихии асарро дар он мебинад, ки “чун ман бо таърихи тафаккури ҷамъиятии охиртарин давраи таърихии Осиёи Миёна мароқнок ҳастам, дастнависи Сомӣ “Туҳфаи шоҳӣ” барои ман яке аз ҳуҷҷатҳои муҳимми хаттиест, ки вай тараққиёти шуури ҷамъиятии мардуми Бухороро нишон медиҳад[12].

Б.Исмаилова[13], А.Саидов[14], Р.Хашеми[15], Х. Мохаммадреза[16] аз зумраи муҳаққиқоне мебошанд, ки дар таҳқиқоти хеш бештар ба асари Сомӣ истинод кардаанд. Муҳаққиқи шинохта А.Саидов осори Сомиро дар инъикос кардани ҳуҷуми Нодиршоҳ ба хонии Бухоро ва оқибатҳои он, ҷанбаҳои гуногуни ҳукмронии ҳокимон ва фаъолияти соҳибмансабони дарборӣ сарчашмаи арзишманд номидааст[17].

М.Холов моддаи таърихро дар эҷодиёти Сомӣ меҳвари асосии пажуҳиши худ қарор дода, зикр мекунад, ки Сомӣ дар истифодаи анвои моддаи таърих мисли байинот ва таъмия, ки дар замони муаллиф қариб ба фаромӯшӣ расида буданд, дасти тамом дошта, дар эҳёву густариши онҳо эҳтимом варзидааст[18].

**Гурӯҳи чорум** он пажуҳишҳоеанд, ки дар хориҷи кишвар, пеш аз ҳама Эрон ва Афғонистон рӯйи чоп омадаанд.”Туҳфаи шоҳӣ” – и Мирзо Абдулазими Сомӣ тавассути пажуҳишгари анҷумани осор ва мафохири фарҳангии Эрон Нодира Ҷалолӣ ба сурати мунаққеҳ тасҳеҳ шудааст[19]. Нодира Ҷалолӣ иброз медорад, ки Сомӣ ҷангҳои амир Музаффарро бо ҳокимони Шаҳрисабз ва Россия мушоҳида карда, ба хонанда аз даврони хукмронии амир Музаффар иттилооти муҳим дода, ба арзиши китоб меафзояд. Дар бораи сабки нигориши

---

[12] Раҷабов З.Ш. Мирзо-Азим Сомӣ ва осори ӯ. - С.28.

[13]Исмаилова Б. Политические и социально-экономические положение Бухарского эмирата: вторая половина XYIII- середина XIX в. - Худжанд, 2004.

[14] Саидов А. Политическое и социально экономическое положение Бухарского ханства в XYII-первой половине XYIII вв. - Душанбе,2007.

[15] Хашеми Ракаванди Сейид Эсмаил. Отношения Ирана с ханствами Мавераннахра в XYIII- начале XX веков. - Душанбе, 2011.

[16] Мохаммадреза Хамеди. Политические, экономические и культурные преобразования в Средней Азии в XIX-начале XX вв. - Душанбе, 2013.

[17] Саидов А.Мовароуннаҳр дар асри XYII ва нимаи аввали асри XYIII (таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ). - Душанбе,2020. - С.49.

[18] Холов М. Моддаи таърих дар эҷодиёти Мирзо Азими Сомӣ. Суханшиносӣ, №4, 2016. - С.78-92.

[19] Туҳфаи шоҳӣ. Таълифи Мирзо Абдулазими Бустони Бухороӣ.Тасҳеҳ,таҳшия ва таълиқи Нодира Ҷалолӣ. - Теҳрон,1377.

“Туҳфаи шоҳӣ” муҳаққиқ ба ин назар аст, ки ин асар дорои насри равон, тавъам бо иборатпардозӣ ва пирояҳои лафзӣ ва баёнӣ аст. Дар баёни матолиби китоб ба иқтизои калом аз шеъру ҳадис низ баҳра ҷуста аст[20].

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи нақшаи илмӣ – таҳқиқотии Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2021 дар мавзӯи “Таърихи муносиботи мутақобили мардумони муқимӣ ва кӯчии Осиёи Миёна дар асрҳои миёна ва нав (сиёсат, иқтисод ва фарҳанг)” иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши маҷмӯии инъикоси масъалаҳои сиёсӣ ва муносибати хориҷии аморати Бухоро дар “Туҳфаи шоҳи” – и Мирзо Абдулазими Сомӣ дар ҳамбастагӣ бо шарҳи ҳол ва осори илмию адабии муаллиф маҳсуб меёбад. Дар пайравӣ ба ин нукта, ҳадафи мушаххаси пажуҳиш баррасии **вазифаҳои** зеринро тақозо дорад:

таҳлили комили рӯзгор ва осори Мирзо Абдулазими Сомӣ дар заминаи сарчашмаҳои мавҷуда;

баррасии илмӣ – интиқодии муҳтаво ва мазмуни “Туҳфаи шоҳӣ”;

бо такя бар маълумоти Сомӣ баррасии дараҷаи инъикоси вазъи сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XYIII;

таҳқиқи таърихи лашкаркашии амирони манғит ба хориҷи аморати Бухорои охири асри XYIII – нимаи аввали асри XIX;

таҳлили вазъи аморати Бухоро дар замони ҳукумати амир Музаффар бо такя ба маълумоти Сомӣ;

инъикоси таърихи истилои ҳукумати подшоҳии рус ва вуруди қувваҳои ҳарбии он ба Осиёи Миёна дар пояи маълумоти Сомӣ ва дигар сарчашмаҳои хаттӣ;

муқаррар намудани арзиши илмии “Туҳфаи шоҳӣ” – и Сомӣ ҳамчун сарчашмаи дасти аввали таърихӣ.

**Объекти таҳқиқот** омӯзиши асари таърихии “Туҳфаи шоҳӣ” – и Мирзо Абдулазими Сомии Бухороӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ доир ба таърихи аморати Бухоро ва дигар хонигариҳои Осиёи Миёна маҳсуб меёбад.

---

[20] Туҳфаи шоҳӣ. Таълифи Мирзо Абдулазими Бустони Бухороӣ. Тасҳеҳ, таҳшия ва таъликӣ Нодира Ҷалолӣ. - С.15-16.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқоти** диссертатсияи мазкур таҳлили сарчашмашиносии асари “Туҳфаи шоҳӣ”, дар муқоиса бо дигар маъхазҳои таърихии ҳамзамононаш ва муайян намудани гардиши илмии он ҳамчун манбаъ доир ба таърихи сиёсии асри XYIIIнимаи аввали асри XIX Хуросон ва Мовароуннаҳр мебошад.

**Чаҳорчӯбаи замонии** таҳқиқот асрҳои XYIII XIX – ро дар бар мегирад, ки давраи дигаргуниҳои назаррас дар ҳаёти сиёсӣ – иқтисодӣ ва ичтимоии Хуросон, Мовароуннаҳр, аз чумла аморати Бухоро мебошад.

**Асосҳои методологии диссертатсия.** Ҳангоми омодасозии диссертатсия усулҳои гуногуни таҳқиқи маъхазҳо, осори хаттӣ ва асарҳои таърихӣ, пеш аз ҳама омӯзиши асосу далелҳо, муқоисакунӣ, таҳлили таърихӣ – муқоисавӣ, тавсия, таҳлили системавӣ, хулосабарорӣ, назари интиқодӣ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи манбаъшиносии таҳқиқот** васеъ ва гуногунчанба буда, онро шартан метавонем ба се гурӯҳ чудо намоем:

**Ба гурӯҳи аввал** сарчашмаҳои хаттие дохил мешаванд, ки дар бораи ҳаводиси охири асри XYII аввали асри XYIII Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳамчун сарчашмаи арзишманд маҳсуб меёбанд[1].

**Гурӯҳи дуюмро** манбаъҳои таърихие ташкил медиҳанд, ки ба шарҳи ҳаводиси нимаи дувуми асри XYIII – нимаи аввали асри XIX таъллуқ доранд[2]

---

[1] Муҳаммад Юсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ. Муқаддима ва тавзеҳоти Фариштаи Саррофон. Теҳрон: Мероси мактуб, 1370.; Мирмуҳаммад Амини Бухорӣ. Убайдуллоҳнома /Перевод с таджикского с примечаниями А.А. Семенова. Ташкент, 1957.; Абдураҳмони Толеъ. Таърихи Абулфайзхон/Перевод с таджикского, предисловие, примечания и указатели проф.А.А. Семенова. Ташкент:Изд-во АН УзССР,1959.;Мирзо Маҳдихони Астарободӣ.Чаҳонкушои Нодирӣ. Пероиш ва вероиши Монии Кошӣ. Чопи Фароин. Теҳрон,1385.; Муҳаммад Козими Марвӣ. Оламорои Нодирӣ. Ба тасҳеҳ ва бо муқаддима, тавзеҳот, ҳавошӣ ва феҳристҳои аълом ва луғоту истилоҳот аз доктор Муҳаммад Амини Раййоҳӣ. Чилди дуюм. Чопи аввал. Теҳрон,1364 ҳ.; Муҳаммад Вафои Карминагӣ. Туҳфаи хонӣ.Дастнависи Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ №1426.;Мирзо Шамси Бухорӣ. Таърихи Бухоро, Хуқанд ва Қошғар. Бо эҳтимоми Муҳаммад Акбари Ошиқ, Теҳрон, 1998.; Муҳаммад Яъқуб ибни амир Муҳаммад Дониёлбӣ. Гулшану-л-мулук. Дастхати Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ, №2663.

[2] Муҳаммад Шариф ибни Муҳаммад Нақӣ. Точу-т-таворих. Дастхати Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ, №2282.; Мирзо Салимбек ибни Муҳаммад Раҳим. Кашкули Салимӣ. Китобхонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ,№207.;Ниёз Муҳаммад Хӯқандӣ. Таърихи Шоҳрухӣ. Дастхати Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ №2237.;Олимхоча Мирзо Сайидхоча Мушрифи Бухороӣ.Таърихи амирони манғити Бухоро. Дастхати Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ.№2354.; Мирзо Муҳаммадшариф Садр ибн Абдушукур. Таърих. Дастхати Маркази мероси хаттии назди РаёсатиАМИТ. № 230\II.;Муҳаммад Содиқи муншии Бухороӣ. Футуҳоти амир Шоҳмурод дар Эрон. Дастхати Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ № 1047\II.;Зафарномайи Хусравӣ. Шарҳи ҳукмронии Саид Амир Насруллох Баҳодур Султон бин Ҳайдар дар Бухоро ва Самарқанд, бо тасҳеҳ ва таҳияи

**Ба гурӯҳи сеюм** асарҳое, ки дар инъикоси замони ҳукмрони амир Музаффар ва истилои Осиёи Миёна аз ҷониби лашкари Россияи подшоҳӣ маълумоти муҳим доранд, дохил карда шудаанд[3].

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин зоҳир мегардад:

бори аввал рӯзгор ва осори Мирзо Абдулазими Сомӣ ба шакли комил, дар заминаи таълифоти муаллиф ва қиёси он бо дигар сарчашмаву таҳқиқот мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст;

матн ва мазмуну мундариҷаи "Туҳфаи шоҳӣ" мавриди таҳлили илмӣ – интиқодӣ қарор ёфтааст;

нусхаҳои дастхати "Туҳфаи шоҳӣ", макони нигаҳдошт ва замони китобати онҳо, нашри дастхат ва муқобалаи он бо нусхаҳои мавҷуда мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор гирифтааст;

бори нахуст маълумоти дар "Туҳфаи шоҳӣ" овардаи Сомӣ доир ба авзои сиёсӣ ва низоми идории Хуросон ва Мовароуннаҳри асрҳои XYIII XIX ба таҳлили илмӣ кашида шуда, дараҷаи арзишмандии он ҳамчун сарчашмаи таърихӣ муайян карда шудааст;

"Туҳфаи шоҳӣ" – и Сомӣ ҳамчун манбаъ дар инъикоси сиёсати минтақавӣ ва лашкаркашиҳои хонадони манғития ба дигар мулкҳои Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XYIII XIX мавриди таҳлил қарор дода шуда, дараҷаи эътимоднокии он муқаррар гардидааст;

арзиши илмии "Туҳфаи шоҳӣ" – и Сомӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар инъикоси раванди истилои Осиёи Миёна аз тарафи Россияи подшоҳӣ ва муносибати аморати Бухоро бо Россия бо усули татбиқӣ муайян шудааст;

бо такя ба маълумоти Сомӣ усули идоракунии амирони Бухоро, маросими таъйин ва озод намудани мансабдорони давлатӣ, авзои

---

Манучеҳри Сутуда. Теҳрон,1377; Муҳаммад, Ҳакимхон. Мунтахаб-ут-таворих (Ба чоп ҳозиркунанда, муаллифи сарсухан ва феҳристи асар Е. Кавахара ва К. Хонеда) / Муҳаммад Ҳакимхон.- Токио, 2006; 2009.

[3]Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. Ба саъю эхтимом ва тасҳеҳи Абдулғанӣ Мирзоев.- Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960.; Мирзо Абдулазими Сомӣ. Таърихи салотини манғитияи доруссалтанаи Бухорои шариф. Дастхати Маркази мероси хаттии АМИТ, №927\III.; Трактат Ахмада Дониша "История Мангитской династии" /Перевод, предисловие и примечания И.А.Наджафовой. Душанбе, 1967; Аҳмад махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития. Душанбе,1992; Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони мангития./Таҳияи матн ба алифбои кириллии тоҷикӣ ва тасҳеҳу тавзеҳот ва шарҳи луғот аз Аҳмад Ҳоҷизодаи Мадрушкатӣ\ Душанбе,2010. Ахмад Дониш. История Мангитской династии. Душанбе, 1967.; Ахмад Дониш. Путешествие из Бухары в Петербург. Избранное. Душанбе, 1960.; Терентьев М.А.История завоевания Средней Азии. В 3-х тт. СПб, 1906; Черкасов А. Защита Самарканда в 1868 г. // Военный сборник. 1870. №9; Туркестанский край. Опыт военного-статистического обозрения Туркестанского военного округа. Материалы для географии и статистики России. Т.III. с двумя чертежами. Состовитель полковник генеральнон штаба А.О.Костенко. С.-Петербург, 1880.; Пашино П. И. Туркестанский край в 1868 году. СПб., 1868.

иҷтимоию иқтисодии аморат дар қиёс бо дигар сарчашмаҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

маълумоти Сомӣ доир ба рафти истилои навоҳии шимоли Тоҷикистон ва муҳорибаҳои ҷангӣ байни аморати Бухоро ва Россияи подшоҳӣ бо назари интиқодӣ ва воқеияти онҳо дар қиёс бо дигар сарчашмаҳои таърихӣ муайян шудааст;

дар муқоиса бо сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқоти илмии марбут ба ин давраи таърихӣ камбудиҳо, иштибоҳот ва ихтилофоти маълумоти дар “Туҳфаи шоҳӣ” овардашуда ба шакли комил ошкор карда шуданд.

**Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод мешаванд:**

1.Дар асари “Туҳфаи шоҳӣ” – и Мирзо Абдулазими Сомӣ авзои сиёсии ҳамаи вилоятҳои Осиёи Миёна дар давраи поёни ҳукумати амир Ҳайдар, ҳукумати кӯтоҳмуддати Ҳусайнхон ва Умархон ва низ ибтидои ҳукумати Насруллоҳ равшан баён ёфтаанд.

2.Дар бораи бенизомӣ ва нобасомониҳое, ки пас аз марги амир Ҳайдар дар натиҷаи ташкили гурӯҳҳо ва ихтилофи онҳо рух доданд, маълумоти муҳим дода шудааст. Зимни баёни авзои сиёсии аморати Бухоро нависанда ибораи “подшоҳи гардошӣ “ – ро ба кор бурдааст, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад.

3.Муаллифи “Туфаи шоҳӣ” дар бораи тарзи идории давлатии амир Шоҳмурод ва амир Ҳайдар назархоҳии мусбӣ карда, онҳоро то ҳадде адлпарвар тасвир мекунад. Зеро ин амирон бо баъзе нақшаҳои пешгирифтаи худ, алалхусус ба низом даровардани андозу хироҷ ба дигар аҳли табақоти ҷомеа сабукӣ оварданд. Азбаски, менависад ӯ, ин амирон бештар ба мақомоти давлатӣ намояндагони табақаи уламоро вобаста гардонида буданд, бинобар бо машварати пайвастаи онҳо дар ҷомеа тороҷи амволи фуқаро ва роҳзанӣ аз байн бурда шуд. Ин усули идоракунӣ ва тарзи интихоби маъмурини давлатӣ аз ҷониби амир Ҳайдар табақаи сипоҳро аз ҳукуматаш норозӣ мекард. Бинобар ин пайваста эшон мардумро ба шӯр бармеангехтанд ва мекӯшиданд ҳар чи зиёдтар оташи ҷанг дар кишвар аланга гирад ва амир ба хунрезӣ ва ғорат машғул шавад, то аз ин ҳисоб онҳо маблағи бе ранҷе ба даст оваранд.

4.Новобаста аз он, ки Мирзо Абдулазими Сомӣ амирон Шоҳмурод ва Ҳайдарро одил ва адолатпарвар инъикос мекунад, вале лашкаркашиҳо ва ҷангҳои пайдарҳам ба минтақаҳои гуногун куллан адлгустарии онҳоро собит намесозад. Аз ҷумла тохтутозҳое, ки Шоҳмурод ба Марв карда буд, хуни ҳазорон бегуноҳонро рехт ва садҳо нафарро бе хонаву ҷой кард.

5.Муаллиф овардааст, ки хонҳои Хӯқанду Хева ҳамчунин ҳокимони Шаҳрисабзу Ӯротеппа ба суиистифода аз авзои мавҷуд

даст ба ҳамлаҳое заданд ва пораҳое аз хоки Бухороро ба марзҳои худ афзуданд. Неруҳои марказгурез дар қаламрави “чор вилоят”, ки расман дар тобеияти Бухоро буданд, ба аъмоли худ шиддат бахшиданд. Ҳамсояи бисёр нооромӣ Бухоро Шаҳрисабз буд. Ҳокими Шаҳрисабз Дониёл атолиқ ва ҷонишинони вай, ки танҳо аз ночорӣ ҳукумати марказии Бухороро ба расмият мешинохтанд, дар амал ҳаводори тамоми мухолифони аморат буданд. Онҳоро дар хоки худ ҷой медоданд ва пуштибонӣ мекарданд. Зоҳиран дар он рӯзгор миёни Бухоро ва Шаҳрисабз ҳаводиси бисёр ба вуқуъ пайвастанд. Таърихнигорон бидуни он, ки замони воқеотро риоят карда бошанд, дар бораи чанд лашкаркашии амир Насруллоҳ ба Шаҳрисабз сухан ба миён овардаанд.

6.Муносибати тиҷоратию дипломатии давлатҳои Осиёи Миёна бо Россия таърихи дуру дароз дорад, вале он махсусан, шуруъ аз асри XVI давра ба давра рушд меёфт. Ҳукуматдорони ҳар ду тараф барои идома ва тараққии савдо ҳама гуна монеаҳои тиҷоратиро бартараф менамуданд.

7.Дар арафаи ҳуҷуми лашкари Россияи подшоҳӣ дар байни давлатҳои мустақил ва ниммустақили Осиёи Миёна бештар муносибатҳои душманона ҳукумфармо буд. Махсусан, ҷангҳои беохири байни аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд боиси харобиҳои зиёди мулкҳои ҳар ду тараф гардиданд. Аз ҷумла, амири Бухоро Насруллоҳ (1826 – 1860) солҳои 1840 ва 1842 ба Хӯқанд ҳуҷум карда, шаҳрро як ҳафта (с.1842) дар ҳолати муҳосира нигоҳ дошт ва баъд ба аскарони худ тороҷ кардани онро фармуд. Писари ӯ амир Музаффар низ ба сӯйи Хӯқанд ду дафъа (солҳои 1862 ва 1865) ҳуҷум карда, тамоми водии Фарғонаро (ҳангоми ҳуҷуми аввал) хароб намуда, то Қошғар расид.

8. Дар нигоштани забткориҳои Россияи подшоҳӣ Сомӣ қайд мекунад, ки ҳанӯз дар давраи ҳукмронии амир Насруллоҳ, замоне ки русҳо дар Сирдарё истеҳком гирифтанд, дарбориён маслиҳат доданд, ки бар зидди русҳо бароянд, вале амир Насруллоҳ бо баҳонае, ки қувваҳо нобаробар буда, заминҳои забтшуда аз қаламрави Бухоро нест, муқобилият нишон доданро рад намуд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** пеш аз ҳама дар он аст, ки бори нахуст асари “Туҳфаи шоҳӣ” – и Мирзо Абдулазими Сомӣ мавриди таҳқиқи сарчашмашиносӣ ва муқаррар намудани он ҳамчун манбаи дасти аввал қарор мегирад. Натиҷаи таҳқиқро метавон ҳангоми омӯзиши таърихи асрҳои XYIII XIX, таҳқиқи минбаъдаи таърихи Хуросон, Мовароуннаҳр ва аморати Бухорои давраи мазкур, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва

таълимӣ – методӣ барои кӯмак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҳамчунин барои навиштани энсиклопедияҳо ва китобҳое, ки дар он чеҳраҳои мондагори илми таърихнигорӣ муаррифӣ мешаванд, истифода кард. Тавсия ва пешниҳоди муаллифро метавон ҷиҳати рушди илми таърихнигорӣ ва сарчашмашиносии миллӣ васеъ истифода намуд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили сарчашмашиносӣ ва интиқодӣ – илмӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ ва амалӣ ва дигар ҳамоишҳои илмӣ – оммавӣ шунида шуданд.

Диссертатсия дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ (суратҷаласаи № 2 аз 17 феврали соли 2021) ва Шӯрои олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ (суратҷаласаи № 3 аз 24 феврали соли 2023) баррасӣ гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия**. Муқаррароти асосии диссертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд. Бо кӯшиш ва заҳмати муаллиф асари «Туҳфаи шоҳӣ» – и Мирзо Абдулазими Сомӣ ба хатти кириллӣ бозгардон ва чоп гардид.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия дар ҳаҷми 169 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (175 – номгӯй) таркиб ёфтааст.

# МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** аҳаммияти илмии таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва заминаҳои манбаъшиносии он таҳлил гардидаанд, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии рисола, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ососнок шуда, чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – "**Тухфаи шоҳӣ – и Мирзо Абдулазими Сомӣ ва сохтори он"** унвон гирифта, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум "**Замони зиндагӣ, аҳвол ва осори Мирзо Абдулазими Сомӣ**" таъкид мегардад, ки замони зиндагии Мирзо Абдулазими Сомӣ дар аморати Бухоро ба давраи ҳукмронии се намояндаи хонадони Манғития – амир Насруллоҳ (1827 – 1860), амир Музаффар (1860 – 1885) ва амир Абдулаҳад (1885 – 1910) мувофиқ меояд. Ҷулуси амир Насруллоҳ, ки бо хунрезию куштори бародарон ба вуқуъ омада буд[21], оромию суботи амораттро таъмин накард. Амир бо мақсади устувор намудани ҳокимияти худ аввалан муборизаи шадидро ба муқобили қувваҳои саркаши дохилӣ, пеш аз ҳама ҳокимони Шаҳрисабз оғоз намуда, барои ба даст овардани Марву Чорҷӯй бо хони Хева талош кард[22]. Мубориза бо хони Хуқанд барои мулкҳои алоҳидаи водии Фарғона муддати дурудароз идома ёфта, соли 1839 бо шикасти хони Хуқанд анҷом пазируфт[23]. Вале ин рақобат то истило шудани ин мулкҳо аз тарафи Россия давом кард[24].

Диссертант қайд менамояд, ки дар чунин шароити ноороми сиёсӣ Мирзо Муҳаммад Абдулазим Сомии Бустонӣ соли 1838 дар деҳаи Бӯстон, ки дар 40 км қисмати шимолии Бухоро, дар шафати роҳи Кармина воқеъ аст, таваллуд шудааст. Мирзо Абдулазим дар Бухоро ба таҳсил пардохт ва аз маҳзари шоирону нависандагоне чун Аҳмади Дониш ва Саъдуддин Моҳир баҳра бурд ва саранҷом бо пешниҳоди Моҳир тахаллуси "Сомӣ" – ро гирифт. Сомӣ аз ҷавонӣ ба мутолиаи асарҳои таърихӣ, омӯхтани луғату забон таваҷҷуҳ дошт. Ин буд, ки донишҳои замонашро дар самти таърих, забону луғат ба

---

[21] Исмаилова, Б. История Бухарского эмирата (вторая половина XVIII - середина XIX вв.) / Б.Исмаилова. – Худжанд: Нури маърифат, 2005. – С. 64-68.

[22] История таджикского народа. Т. IV. Позднее средневековье и новое время (XVI в.-1917 г.) // Под общ. ред. академика Масова Р. – Душанбе, 2010. – С. 305.

[23] История таджикского народа. Т. IV.– С. 306-313.

[24] Джурабоев, Дж. Политическая история Бухарского эмирата во второй половины XVIII - середина XIX вв. – Худжанд: Ношир, 2013. – С.133-180.

шакли комил азхуд намуд, ки аксари муаллифони ҳамзамононаш аз донишмандии ӯ таъкид кардаанд.

Сомӣ пас аз поёни таҳсилот ба касби муншигӣ рӯй овард ва ба хидмати амири Бухоро Музаффар даромада, дар ҷангҳои амири Бухоро бо фармонравоёни ӯзбеки Шаҳрисабз ва ҷангҳои Русия бо амирони Бухоро ҳамчун воқеанигори расмии сипоҳи Бухоро ширкат кард. Чунонки худ менависад: "Дар ҳангоми ҷанг болои дарахт менишаста ва ҷараёни ҷангро бо чашмони худ назорагар буда, бар рӯи қоғаз сабт мекардааст"[1]. Ҳамин тавр Сомӣ ҳамчун шоҳиди бевоситаи ҳаводиси давраи ҳукмронии амир Музаффар, пеш аз ҳама таърихи истилои ҳукумати подшоҳӣ ва вуруди қувваҳои ҳарбии русро ба Осиёи Миёна ба тасвир кашидааст.

Мирзо Абдулазими Сомӣ боре бо ҳамроҳи сафирони Бухоро ба Россия низ сафар кардаст. Аз ҷумла, аз сӯи амир Музаффар дар маросими тоҷгузории подшоҳи рус Александри III дар Санкт Петербург соли 1881 ширкат кард ва кӯшиш намуд,то хотироти худро дар боби ин сафар ба риштаи таҳрир дароварад. Вай бо нишасти амир Абдулаҳад бар тахти салтанат ҳамчун муншӣ боқӣ монд ва ҳудуди 10 – 11 сол дар дарбори ӯ ба хидмат пардохт. Бо тахмини муҳаққиқон Сомӣ тақрибан солҳои 1898 ё 1899 аз дарбори амир дур гардидааст. Аммо Сомӣ дар ахбори расмии худ "Туҳфаи шоҳӣ" зикр мекунад, ки то синни шастсолагӣ "аз лутфу марҳамати дарбор" бархӯрдор буд ва "аз овони хурдӣ то ҳол, ки нафасшумори умр ба марҳалаи шаст расида, ба нозу неъмати ин давлатхона парвариш ёфтаам"[4]. Аз ин мебарояд, ки Сомӣ соли 1898 аз дарбори амир Абдулаҳад дур гардида, муддати 13 сол дар хизмати ин амир қарор дошт.

Тибқи нигоштаҳои асосгузори адабиёти советии тоҷик Садриддин Айнӣ, Мирзо Абдулазими Сомӣ рӯзгорро дар ниҳояти камбағалӣ ба сар бурда, ба музди китобат кардани асарҳои худ ва дигарон рӯз мегузаронид[3].

"Туҳфаи шоҳӣ" – ро Сомӣ солҳои 1317 – 1320 ҳ.(1899 – 1900 – 1902 – 03) ва асари дувумаш "Таърихи салотини манғитияи доруссалтанаи Бухорои Шариф" – ро солҳои 1324 ҳ.(1906 – 1907) навиштааст. Асари аввалӣ аз 298 саҳифа ва дувумин аз 75 саҳифа иборат аст. "Асари Мирзоазими Сомӣ "Туҳфаи шоҳӣ"менависад

[1] Туҳфаи шоҳӣ в.4а.
[4] Туҳфаи шоҳӣ, в.4б.
[3] Айни С.Ёддоштҳо, С.397-398

академик Б.Ғафуров, ба масъалаҳои иҷтимоии аморат бахшида шудааст”.[25]

Аз Мирзо Абдулазими Сомӣ ба ҷуз ин ду асари таърихӣ, таълифоти зиёди дигаре низ мерос мондааст. Аз ҷумла, тибқи баъзе гузоришҳо “Рисолаи иншо”, ки бо номи “Танзия – л – иншо” ва “Санъати махзан”, ки дастур ба иншонависон буда, аз нависандагон риояи қоидаҳои забон, роҳ надодан ба хатоиҳо ва инчунин худдорӣ намудан аз калима ва иборахои душворфаҳмро таъкид кардааст, аз навиштаҳои ӯст. Ба қавли Сомӣ “пешаи нависандагӣ китоби мансуб ва қоидаи мазбут надорад. Бо вуҷуди он дар истилоҳи илми маъонӣ мурод аз созгори калом аст.....каломро аз фасод пок доштани ҳусни калом аст”[1].

Дар хусуси таърихи вафоти Сомӣ ақидаҳо мухталифанд. Аз ҷумла Садриддин Айнӣ, ки Сомиро шахсан мешинохт ва дар хонаи Шарифҷон Махдум борҳо дида буд, менависад, ки соли 1325 ҳиҷрӣ (1907 – 1908) дар синии 72 солагӣ вафот кардааст[2]. З. Раҷабов вафоти ӯро соли 1909 медонад[3]. Ҳамин тавр, роҷеъ ба рӯзгору осори Мирзо Абдулазими Сомӣ дар асоси навиштаҳои худи муаллиф ва ҳамзамононаш хулоса кардан мумкин аст, ки ӯ яке аз чеҳраҳои шинохтаи ҳавзаи илму адаби Варорӯд дар нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX маҳсуб ёфта, дар пешрафти ҷаҳони андешаи илмию адабӣ, идома ёфтани мактаби таърихнигории анъанавии тоҷик нақши муассир гузоштааст. Ду асари таърихии ӯ, гарчанде бо услуби нигориш аз ҳам тафовут доранд, аз тарафи муҳаққиқон ҳамчун манбаъи дасти аввал доир ба салтанати хонадони манғития ва аморати Бухоро эътироф пайдо намудаанд.

Дар зербоби дуюми боби якум **“Мазмун ва мундариҷаи «Туҳфаи шоҳӣ»** пиромуни дастхатҳо, нусхаҳо ва нашри “Туҳфаи шоҳӣ” метавон гуфт, ки дар Феҳристи Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ин асар таҳти № 786 нигаҳдорӣ карда мешавад. Рақамгузории саҳифаҳои он аз 133 оғоз ёфта, ба рақами 156 итмом меёбад.

Дар “Маҷмӯаи нусхаҳои хаттии форсии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон” тавсифи ду нусха аз китоби “Туҳфаи шоҳӣ” оварда шудааст. Нахуст ба таърихи китобати 1326 – и ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 1908 таҳти рақами 1458/2, ба хатти Мирзо Абдулвоҳид ва дигаре таҳти рақами 2091, соли китобат 1368, дар 298 варақ мебошад.

---

[25] Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, асри миёна ва давраи нав. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С.815.

[1] Сомӣ. Санъати маъзан. Дастхати №2307, Маркази Мероси хаттии АМИТ, в.5.

[2] Ҳамон ҷо, С.339

[3]Раҷабов З. Мирзо-Азим Сомӣ ва осори ӯ. С.27.

Муаллифи диссертатсия барои таҳқиқи “Туҳфаи шоҳӣ” бино ба чанд далел асосан нусхаи таҳти рақами 2091 – и асар интихоб намудааст. Аввалан, баёни воқеаҳо ва ҳодисаҳо хеле мухтасар навишта шудаанд. Ба таври мисол, дар нусхаи зикршуда, Мирзо Абдулазими Сомӣ дар муқаддима ё дебочаи асар баъди ҳамду сано, асарҳои таърихии маъруфи замони худ ва хусусияти хоси онҳоро ба тафсил оварда, зикр мекунад, ки “ҳар кадом аҳволи салотини худҳоро навишта, аз аҳволи салотини вилояти Мовароуннаҳр камтар эрод кардаанд”[1]. Дар нусхаи таҳти рақами 786 буда, танҳо ёдовар мешавад, ки асари худро дар асоси ҳикоятҳои шунида ва муоина кардааш дарҷ менамояд,то он ки пасмондаашон ба фотеҳа ӯро ёд кунанд. Сониян, баёни ҳодисаҳо хеле мухтасар нигошта шуда, порчаҳои шеърӣ – возеҳкунандаи матлаби муаллиф, дар муқоиса ба асл камтар оварда шудааст. Солисан, пеш аз зикри амирони манғит суханпардозиҳои мадҳии самовӣ, ки ба муаррихони дарборӣ хос аст, дида мешавад[1]. Бо ин далелҳо ҳангоми баррасӣ мо нусхаи таҳти рақами 2091 – ро ба асос гирифта, дар рафти таҳқиқ бо ду нусхаи дигар онро қиёс намудем.

«Туҳфаи шоҳӣ» – и Абдулазими Сомӣ аз дебоча ва 72 фасли алоҳидаи хурду калон иборат буда, дар тафовут аз солномаҳои таърихии ҳамзамононаш сохтори нисбатан мушаххас дошта, банду басти мураккаб надорад. Асар воқеаҳои таърихиро аз оғози асри XVIII, яъне аз давраи ҳукмронии Убайдуллохони аштархонӣ (1702 – 1711) то оғози асри XX, то давраи ҳукмронии Абдулаҳади манғитӣ (1885 – 1910) фаро мегирад. Бо маълумоти худи Сомӣ нисфи аввали «Туҳфаи шоҳӣ», яъне то замони ба сари қудрат омадани амир Музаффари манғит (соли 1860) бо истифода аз асарҳои таърихии то муаллиф нигошташуда таълиф шудааст. Вобаста ба ин мо метавонем «Туҳфаи шоҳӣ» – ро ба ду қисм ҷудо намоем. Қисми аввал дар асоси сарчашмаҳои таърихии дар муқаддима номбаршуда навишта шудааст. Қисми дуюмро муаллиф ҳамчун иштирокчии бевоситаи воқеаҳо ба риштаи тасвир кашидааст.

Вобаста ба фарогирии воқеаҳои таърихӣ ва ё аз назари хронологӣ «Туҳфаи шоҳӣ» – ро метавон ба ду бахши алоҳида – таърихи Мовароуннаҳр дар давраи ҳукмронии хонадони Аштархониҳо (фаслҳои 1 – 3) ва таърихи аморати Бухоро (фаслҳои 4 – 72) тақсим намуд.

---

[1] Туҳфаи шоҳӣ. Маҷмӯаи нусхаҳои хаттии форсии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, № 2091, в. 3б.

[1]Туҳфаи шоҳӣ. Феҳристи Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, № 786, в.4а

Азбаски ин сарчашмаи муҳимми таърихӣ чунин тақсимоту даврабандиро надорад, диссертант ҳар як фасли онро (ҳамагӣ 72 фасл) вобаста ба муҳтаво ва мавзуъ ба шакли мухтасар шарҳ додааст.

Бояд қайд кард, ки Сомӣ дар дебочаи худ, пас аз ҳамду ситоиши Офаридгор роҳи халосӣ аз озурдагӣ ва ғаму андӯҳро дар андухтани илму дониши ҳаводис ва ашхоси замони гузашта номида, қайд кардааст, ки мутолиаи асарҳои таърихӣ сабаби ҳушмандӣ ва боло рафтани дараҷаю мартабаҳо мегардад.

Абдулазими Сомӣ инъикоси воқеаҳоро на аз хонадони манғит, балки аз даврони ҳукмронии Убайдуллоҳхони Аштархонӣ ва муборизаи ӯ бо ҳокими Балх Муҳаммад Муқимхон оғоз карда, бо зикри марги амир Музаффар[4] ва бар тахт нишастани амир Абдулаҳад дар соли 1885[26] асари худро ба анҷом мерасонад.

Асари «Туҳфаи шоҳӣ» асосан таърихи сиёсии хонигарии Бухорои давраи ҳукмронии манғитиҳоро дар бар гирифта, масъалаҳои иқтисодиро пайгирӣ намекунад. Вале ба шарофати инъикоси беғаразонаи ҳаводис дар асар лаҳзаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ – сиёсӣ, вазъи оммаи меҳнаткаш низ дарҷ шудааст.

Табиист, ки Мирзо Абдулазими Сомӣ асари худро дар асоси дидаву, шунидаҳо, мушоҳидаҳо ва баъзе манбаъҳои хаттӣ рӯи коғаз овардааст. Одатан аксарияти муаллифони осори хаттӣ аз зикри манобеи таърихии истифодашуда дар дохили матн худдорӣ мекунанд. Ба истиснои муаллифи асари мавриди таҳқиқии мо, ки барои тақвияти нигоштаҳои худ, аз муаллифон ва осори дар замони худ маълум возеҳона сухан мегӯяд. Масалан, ӯ дар қисмати "Ибтидои тасаллут ва найли салтанати Муҳаммадхони манғит" ҳангоми баёни муносиботи Нодиршоҳи Афшор бо Абулфайзхон ва навиштани маншури салтанат, яъне муайян намудани доираи имтиёзи Абулфайзхон Мирзо Маҳдихонро зикр мекунад. Мирзо Маҳдихони Астарободӣ, писари Муҳаммаднасири Астарободӣ буда, 23 январи соли 1747 шомили ҳайате ба сарпарастии Мустафохон Шомлу бо ҳадяҳои зиёд ба Бағдод рафт, то бо Аҳмадпошо (ҳокими Бағдод) мулоқот кунад, аммо дар Бағдод чун хабари марги Нодиршоҳро шунид, ба Машҳад ва ба қавле ба Табрез рафт ва гӯшаи узлат гузид. Таърихи дақиқи марги Мирзо Маҳдӣ маълум нест. Аз ӯ осоре чун "Таърихи ҷаҳонкушойи Нодирӣ", "Дарраи нодира", "Санглох", "Миншоот" боқӣ мондааст.

Нодиршоҳ ба муншии худ амр намуд, ки маншури салтанат мамолики Туронро то уқбаи Кошғар ба оби зар навишта, ҳозир

---

[4] Ҳамон ҷо, в.290б-292б.
[26] Ҳамон ҷо, в.293а-299а.

оварад. Муаллиф инчунин дар тавсифи амир Шоҳмурод барои тақвияти авсофи амир асари сиёсатмадор ва мусташриқи маъруфи шотландӣ Сэр Ҷон Малком[1] – ро, ки шоҳиди воқеаи қизилбош дар замони амир Шоҳмурод буда, дар асараш ба риштаи тасвир кашидааст, тавсия медиҳад.

Дар нигоштани таърихи лашкаркашии амир Шоҳмурод ба Марв аз қасидаи Мирзо Содиқи муншӣ иқтибос меорад. Мирзо Содиқи муншӣ[1], дар фатҳи Марв қасидае мутазаммини таърих дар силки назм кашида манзур сохта, мавриди алтофи беғоят хусравонӣ шуд[2]. Аммо ақидаи Мирзо Шамси Бухорой дар мавриди таърихи фатҳи Марв баръакси онҳост, ки чунин гуфта: "сари ғулом бурид ва зери дор ниҳод"[3]

Мирзо Абдулазими Сомӣ дар ташбеҳ додани ҷасорату фасоҳати амир Шоҳмурод ба амир Темури Курагонӣ аз "Аҷоибу – л – мақдур фи навоиби Темур" – и Ибни Арабшоҳ иқтибос меорад.

Хулоса, асарҳои навиштаи Сомӣ, аз ҷумла "Туҳфаи шоҳӣ" ва "Таърихи салотини манғития", ки фарзияи якранг будани ин ду асар аз ҷониби баъзе муаррихон вуҷуд дорад, агарчанде инъикоси як давраи таърихист, аслан тарзи нигориш, баёни ҳаводис куллан аз ҳам фарқ мекунанд. Чунончӣ, ҳаҷман зиёд будани асари мавриди таҳқиқи мо, ки дар таърих бо номи "Ахбори расмӣ" низ маълум аст, ҳаводисро то соли 1898 – 99 ба риштаи тасвир кашида, алорағми тафовут дар санаҳои таърихӣ, дар он чунин воқеаҳои таърихӣ, аз ҷумла шӯриши Андиҷон бо роҳбарии Дукчиэшон соли 1898, ҷаласаи ҳарбӣ дар Оқтеппа пеш аз хуҷуми лашкари рус, даъват кардани шӯро дар давраи амир Музаффар дар Кармина баъди ишғоли Самарқанд, оид ба иштироки қабилаҳои туркман дар ҳайати лашкари Бухоро ва ғайра дида намешаванд.

Боби дуюми диссертатсия – "**Инъикоси вазъи сиёсӣ ва идории Хуросон ва Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XYIII – нимаи аввали асри XIX дар "Туҳфаи шоҳӣ"** унвон дошта, таҳқиқи масоили вазъи сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳр дар замони Аштархониён (нимаи

[1] Сэр Ҷон Малком, сиёсатмадор ва мусташриқи маъруфи шотландӣ, сафир ва намояндаи давлати англис дар Ҳинд дар дарбори Фатҳалишоҳи Қоҷор, муаллифи китоби "Таърихи Эрон" дар ду ҷилд.

[1] Мирзо Муҳаммад Содиқи муншии Бухорой, шоир, муаррих ва хушнависи маъруф, ки муддате самти муншии дарбори амир Ҳайдари манғитро дошт, аммо баъд ба сабаби беэътиноӣ ба дарборон аз он самт маъзул ва ба кӯҳистони Дарвоз ронда шуд. "Дахмаи шоҳон", "Қазо ва қадар", "Соқинома", "Манзумаи футуҳоти амири маъсум ва амир Ҳайдар" аз дигар осори ӯст. Ниг ба "Донишномаи адаби форсӣ" ҷ. 1. (Осиёи Марказӣ), С.558.

[2] Туҳфаи шоҳӣ, 65.

[3] Мирзо Шамси Бухорой. Таърихи Бухоро ва Хуқанд ва Қошғар. С.114.

аввали асри XYIII), ҳамчунин таърихи сиёсии Мовароуннаҳр дар замони ҳукумати манғитиҳо (нимаи дувуми асри XYIII – нимаи аввали асри XIX) тибқи «Туҳфаи шоҳӣ» – и Мирзо Абдулазими Сомӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби якум“**Бозтоби таърихи сиёсии Хуросону Мовароуннаҳри нимаи аввали асри XYIII дар «Туҳфаи шоҳӣ»** муаллиф қайд менамояд, ки вазъи сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳр дар замони Аштархониён (нимаи аввали асри XYIII дар “Туҳфаи шоҳӣ” – и Мирзо Абдулазими Сомӣ бо истифода аз равишҳои санҷидашудаи таърихӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Нимаи аввали асри XYIII дар ҳаёти сиёсии Хуросон ва Мовароуннахр таҳаввулоти беназир ба миён омад. Дар замони Субҳонқулихон (1680 – 1702) мавқеъ ва эътибори Маҳмудбий аз қабилаи қатаған фавқулода баланд гардида, унови “атолиқ” – ро соҳиб гардид. Атолиқ олитарин рутбаи давлатии хони Бухоро буд, ки пас аз хон мақоми аввалро ишғол карда, вазифаи нахуствазириро адо менамуд. Субҳонқулихон дар муборизаи зидди хевагиҳо ба кӯмаки Маҳмудбий атолиқ рӯ оварда ва фурӯ нишондани исёни амирони Балхро низ ба ҳамин атолиқ супорида, ӯро ҳокими Балх ва Бадахшон таъйин кард.[1]

Дар маҷмуъ, бо такя ба манобеи таърихӣ ва навиштаи Сомӣ метавон хулоса кард, ки дар даврони ҳукмронии Субҳонқулихон ва Убайдуллоҳхон қудрати Аштархониён дар Мовароуннахр ва Бухоро рӯ ба таназзул ниҳод ва ашрофи маҳаллӣ маъруф ба “бӣ” қудрат ёфтанд ва Хуқанд ва Фарғона солҳои 1700 – 1702 мустақил шуданд.

Баъди Убайдуллохон ба тахти хонӣ бародараш Абулфайзхон (1711 – 1747) нишаст, ки вазъияти сиёсии мамлакатро дигар карда натавонист. Дар аҳди Абдулфайзхон бӯҳрони сиёсӣ, ҷангҳои байни худӣ ва исёнҳои феодалӣ ба қуллаи баландтарини худ расид. Кишвар ба мулкҳои хурд тақсим шуда, мустақилона идора мешуданд ва бо якдигар робитае надоштанд. Балх аслан аз итоати Бухоро берун гашта, дар он ҷо низ воқеаҳои сиёсии пурталотум рӯй дода буданд. Абулфайзхон вазъияти сиёсии мамлакатро, ки зиддияти байни хон ва феодалони маҳаллӣ рӯз то рӯз афзуда, боиси кушта шудани Убайдуллоҳхон ва талаву тороҷ гардидани дарбору хазинаи давлат шуд, дигар карда натавонист.

Давраи салтанатдории намояндагони охирини Аштархонӣ замони пурошӯб ва даргириҳо буд. Кишварро шӯру ошӯбҳои мардуми, бухрони иқтисодӣ ва қашшоқӣ фаро гирифта буд. Кишвар

[1] Муҳаммад Юсуфи Мунши, Мукимханская история .Перевод с таджикского, предисловие, примечания и указатели профессора А.А.Семенова. Ташкент. 1956., С.153.

соҳиби давлати ягонаи марказиятнок набуд. Ба гуфтаи Сомӣ ҷамоати қарақалпоқ, хитой – қипчоқ ҳар сола ба Бухоро ва Самарқанд ҳамла карда, зироатҳо ва мардуми зиёди ин ду шаҳрро аз ғорату тороҷ ва сар аз тан ҷудо намуда, бармегаштанд. Аз ин рӯ қаҳтие дар Бухоро ва Самақанд рух дод, ки мардум аз ниҳояти гуруснагӣ ба хурдани майит афтода, мурдаҳоро дафн кардан намонда, мехӯрданд. Осори қаҳту гуруснагӣ дар Самарқанд аз Бухоро бештар зуҳур ёфт. Харобии вилоятҳо ба ҳадде расид, ки дар Бухорои шариф дар ду маҳалла ва гузар одам монд ва дар Самарқанд шахсе намонда, ҳар кас ба ҳар тараф кӯчида рафтанд[1].

Хулоса, муаллифи "Туҳфаи шоҳӣ" вазъи сиёсии минтақаи мавриди таҳқиқро дар даврони охирин намояндагони хонадони Аштархонӣ пур аз шӯру ошӯб ва афзудани қувваҳои марказгурез тасвир намудааст. Сомӣ қайд менамояд, ки рафтори разилонаи Абулфайзхон дар сарири давлатдорӣ чашми ҳирсу ҳасади қабилаҳои қазоқ, қарақалпоқ, хитоӣ, кенегас ва қипчоқро кушод, ки ин қабоил муддати ҳафт сол пай дар пай дар айни расидагии ҳосил ба Бухоро лашкар кашида, зироати байни Самарқанд ва Бухороро талаф дода бармегаштанд.

Оид ба маълумоти Мирзо Абдулазими Сомӣ дар ин фасл, бояд тазаккур дод, ки Сомӣ Муҳаммадҳакимбӣ ва Муҳаммадраҳимбиро иҷрокунанда ва коргузорони соҳибтадбир номида, изҳор медорад, ки ҳеҷ амре аз умур бе машварат ва салоҳдиди падару писар пеш намерафт. Дар замони давлати ин ду нафар ҷамоати манғит ба дараҷаи эътибор боло рафт.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **"Инъикоси таърихи сиёсии Моваруннаҳри нимаи дувуми асри XYIII ва нимаи аввали асри XIX дар «Туҳфаи шоҳӣ»,** қайд шудааст, ки силсилаи манғития ба Ҳакимбий Худоёр аталиқи манғит мансуб аст, ки Абулфайзхон ба сабаби айёшӣ, идораи умури мамлакатро ба вай супурд. Бо марги ӯ писараш, Муҳаммадраҳимбий аталиқ ӯҳдадори умур шуд ва Абулфайзхонро водор ба итоат аз Нодиршоҳи Афшор кард ва саранҷом Абулфайзхонро кушт ва чунон ки гузашт баъд аз байн бурдани Абдулмуъминхон ва Убайдуллоҳхон худ ба салтанат нишаст ва асоси фармонравойи дудмони манғитияро дар Бухоро поягузорӣ кард. Дар аҳди ҳукмронии ӯ дар натиҷаи ҷангҳои пай дар пай бисёре аз заминҳои кишт аз байн рафт ва иқтисоди қаламрави ҳукуматаш таназзул ёфт.

Муаллифи диссертатсия дар асоси маводи "Туҳфаи шоҳӣ" – и Мирзо Абдулазими Сомӣ дигар сарчашмаҳои таърихии давр аз

---

[1] Туҳфаи шоҳӣ, в.12

зумраи “Кашкӯли Салимӣ” – и Мирзо Салимбек ибни Муҳаммад Раҳим, “Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития”– и Аҳмади Дониш ва “Таърихи амирони Бухоро” – и Садриддин Айнӣ, таърихи ба сари тахт омадани амирони манғитро то замони амир Музаффар, бенизомӣ, нобасомонӣ, ихтилофи байни хонаводагӣ ва амирони тобеи аморати Бухороро баррасӣ намуда, бо такя ба навиштаҳои Сомӣ иброз медорад, ки ҷангу ҷидол миёни вилояти ӯзбек мудом барқарор буд, аммо ҳангоме ки дар Бухоро осоиш ва амният барқарор буд, амир дар дорулимора менишаст ва уламо ба дидани ӯ мерафтанд ва бо ӯ сухан мегуфтанд ва гурӯҳ – гурӯҳ аз аъёну ашрофи Бухоро ба хидмати ӯ мерасиданд[1].

Хулоса, дар инъикоси таърихи сиёсии Мовароуннахр дар замони ҳукумати манғитҳо дар давраи зикршуда, Мирзо Абдулазими Сомӣ аз тасвир кардани шӯру ошӯбҳои халқӣ, вазъи иҷтимоӣ – иқтисодии аҳолӣ сарфи назар намуда, танҳо саркашӣ ва гарданшахии ҳокимони вилоятро, ки зидди ҳукумати марказӣ амал карда, шӯришҳо барпо менамуданд, қалам зада, ба риштаи тасвир мекашад. Дар ин масъала кӯшиш мекунад, ки ба ҳар васила хонадони амириро барҳақ ҷилва диҳад. Вале ба ҳар ҳол дар инъикоси оғози зиддиятҳо, шӯришҳо, макон ва замони онҳо, ҷараёни он, ташаббускор ва иштирокчиёни он «Туҳфаи шоҳӣ» сарчашмаи нодир ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, арзиши илмии навиштаҳои Сомӣ дар он ифода меёбад, ки муаллиф вазъи сиёсии аморати Бухоро, хонигариҳои Хуқанд ва Хева дар муносибат ба аморати Бухоро, Самарқанд, Ӯротеппа, Шаҳрисабз, ноҳияҳои Нурато, Чаҳорҷӯй, Наҳрпай, Каттақӯрғонро дар мустаҳкам ва заиф гардидани ҳокимияти марказӣ ба тафсил баён мекунад. Инчунин аз саркашӣ ва тохтутозҳои пайдарҳами қабилаҳои туркман, еттиуруғ, қунғурот, қалмиқ, қалмоқ, қазоқ, кенегас, буркут, баҳрин, хитой – қипчоқ, қарақалпоқ, ки ба водиҳо ҳуҷум оварда, моли мардумро ба ғорат мебурданд, хабар медиҳад, ки чунин маълумот дар дигар манобеъ анқариб ба назар намерасанд.

Боби сеюми рисола – **“Зикри лашкаркашиҳои амирони манғит ва истилои баъзе қаламрави аморати Бухоро аз ҷониби ҳукумати подшоҳии Рус дар Туҳфаи шоҳӣ»** ном дорад, ки аз ду зербоби алоҳида иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби сеюм **“Инъикоси лашкаркашии амирони манғит ба қаламрави кишварҳои ҳамсоя дар охири асри XYIII – нимаи аввали асри XIX дар «Туҳфаи шоҳӣ”** таърихи лашкаркашиҳои амирони манғит амсоли амир Шоҳмурод, Ҳайдар ва Насруллоҳ ба

[1] Туҳфаи шоҳӣ, С.127

хориҷ аз аморати Бухоро дар асоси асари мавриди таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Дар рисола таъкид шудааст, ки дар "Туҳфаи шоҳӣ" – и Мирзо Абдулазими Сомӣ, ҳуҷуми амир Шоҳмурод ба Марв, фатҳи он, исён бардоштани ҳокимони Марв – бародарони амир Шоҳмурод, пахш кардани исёни онҳо, фатҳи қалъаи Бандсултон, вайрон кардани сарбанди дарёи Мурғоб хеле ба тафсил оварда шудааст, ки дар дигар сарчашмаҳо чунин тафсилот дида намешавад[1].

Сомӣ дар масъалаи муносибати аморати Бухоро бо Хоразм дар даврони ҳукмронии амир Ҳайдар дахл намуда, воқеаи лашкаркашии Элтузар, ҳокими Хоразм ба Бухоро ва зарар расонидани ӯ ба раият ва шикаст ёфтан, гурехтан ва ғарқ шудани ӯро муфассал баррасӣ мекунад.

Дар "Туҳфаи шоҳӣ", муаллиф даврони ҳукмронии амир Насруллоҳро (1826 – 1860), ки тавонист ба ошӯбҳои феодалони марказгурез хотима дода, ҳукумати худро аз Ӯротеппа то Амударё ва то Қундузу Бадахшон ҷорӣ намояд ва дар муддати 25 сол 32 маротиба ба Шаҳрисабз юриш кардааст, хеле хуб ва ба тафсил меорад[2].

Хулоса, дар нимаи аввали асри XIX дар байни хонигариҳои Хива, Хӯқанд ва аморати Бухоро ҷангҳои хунин рух доданд. Ин ҷангҳо, хусусан, байни Бухоро ва Хӯқанд барои Тошканд, Ҷиззах, Ӯротеппа, Хуҷанд доманадор буд. Дар ин ҷангҳо хону амирон аз тамоми имкониятҳо туҳмат, иғво, буҳтон, хабаркашиҳо истифода мекарданд. Аҳолии Осиёи Миёна аз чунин ҷангҳои харобиовари феодалӣ танҳо дар солҳои 60 – уми асри XIX раҳо ёфт.

Зербоби дуюми боби сеюм **"Амир Музаффар ва вуруди қувваҳои ҳарбии хукумати подшоҳии Рус ба сарзамини Осиёи Миёна аз нигоҳи Мирзо Абдулазими Сомӣ"** унвон гирифтааст.

Таъкид шудааст, ки вазъи сиёсии аморати Бухоро дар замони амир Музаффар бо якчанд сабаб муташанниҷ гашт. Яке аз сабабҳои асосӣ дар он буд, ки қабоили кенегасҳо бо ҳам иттифоқ карда, Шаҳрисабз ва Китобро ба даст даровperданд. Омили дуюм – ҳуҷуми лашкари рус ба қаламрави аморат ва омили сеюм ин исёни писари калони амир Абдумаликтӯра буд.

Дар рисола қайд мешавад, ки муаллифи "Туҳфаи шоҳӣ", ки худ бевосита шоҳиди воқеии ҳаводиси ба тахт нишастану аз тахт рафтани амир Музаффар, аз даст рафтани мулк ва сарзаминҳои Осиёи Миёна, ҷангҳои дар миён ба вуқуъ пайвастани он, ҷараёни истилои Осиёи

[1] Туҳфаи шоҳӣ, в.57а-72б.
[2] Туҳфаи шоҳӣ, в.125а-129а

Миёна аз тарафти ҳукумати подшоҳии Русия мебошад, ин ҳаводисро ба таври муфассал дар асараш зикр кардааст.

Муаллифи "Туҳфаи шоҳӣ" сабаби ҳуҷуми амир Музаффарро ба Ҳисор, Деҳнав ва Кӯлоб аз "доманзании оташи фасод"[1] – и ҳокими Ҳисор Абдукарим медонад. Тибқи шаҳодати Сомӣ Абдукарим ҳокимони кенегаси Шаҳрисабзро ба исёни зидди амир тарғиб кард ва ин амали ӯ ба амир ошкор гардид. Амир Музаффар барои пеш гирифтани роҳи фитнаву фасод соли 1280/1863 – 1864 бо лашкари фаровон ва тӯпҳои оташбор ба Ҳисор ҳаракат намуда, дар Бойсун қарор гирифт[2].

Аз таҳлили маълумоти "Туҳфаи шоҳӣ" дар муқоиса бо дигар манобеъи таърихӣ бармеояд, ки ҷангҳои амир Музаффар бар зидди кенегаси Шаҳрисабз ва баъзе ноҳияҳои тоҷикнишини гирду атрофи он беист, аз соли 1862 то соли 1884 давом дода, дар ин муддат сиву ду маротиба ба он сӯ лашкар кашид. Дар ин муддат аҳолии ин вилоят гаштаву баргашта шӯриш бардоштанд, ба ҳукумати марказӣ мутеъ нагардиданд ва сар фуруд наоварданд. Дар натиҷа дар муддати бисту ду соли юриши амир Музаффар ба Шаҳрисабзу Китоб ва дигар маҳалҳои тоҷикнишин ҳазорҳо одамони бегуноҳ аз дами теғ гузаронида шуданд.

Дар рисола зимни истилои Осиёи Миёна аз ҷониби ҳукумати подшоҳии Рус гуфта мешавад, ки бинобар шаҳодати Сомӣ, зоҳиран амир Музаффар лашкари рус ва қудрати онро дар ҳадди ҳуккоми маҳалии Мовароуннаҳр пиндошт. Дар натиҷа русҳо Тошканд ва Ҷиззахро тасарруф намуда, бисёре аз мардумони он ноҳия хусусан мусулмонро ба қатл расониданд. Ба тавре ки қатли омм се соат ба тӯл анҷомид[1] .

Муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки аз ахбори "Туҳфаи шоҳӣ" ва таҳлили таърихӣ – муқоисавии манбаъҳои боэътимод, чун "Рисола ё мухтасаре аз салтанати хонадони манғития" – и Аҳмади Дониш, "Защита Самарканда в 1864 году" – и Черкасов, "Туркестанский край в 1868 году" – и П. И. Пашино бар меояд, ки баъзе рӯҳониёни ғазоталаб дар Самарқанд фармони ҷиҳод дода, шӯриш барпо карданд. Шерали иноқ барои хомӯш кардани оташи ин амир чанд тан аз афрод, аз ҷумла Раҳмутуллоҳхоҷа Авроқ Махдуми Аъзам, Хоҷа Судур Аҳрорӣ ва Муъминбег туқсабо оқсақоли кулли Самарқандро ба мадрасаи Тиллокорӣ, ки маҳалли таҷаммуи онон

---

[1] Туҳфаи шоҳӣ, в.176а.
[2] Ҳамон ҷо, в.176б
[1] Ҳамон ҷо, С.261.

буд, фиристод[2]. Чун онҳо Муъминбегро ба қатл расониданд, Шерали иноқ дар садади танбеҳашон баромад ва ба қатли муллоён фармон дод, зеро онҳоро муҳаррики асосии ҷанг медонист. Аз ин рӯ, фақеҳони Самарқанд ҳам аз ин иқдоми вай ранҷидахотир шуда, ба ҳимояти дин марду зан бо аскарияи дохили Самарқанд ба ҷанг пардохта, ба тавре ки ҷӯи хун дар кӯчаҳо равон шуд[3].

Ин амр сабаб шуд, ки русҳо ба болои Самарқанд омада ва ба фикри тасхири он ҷо афтанд. Сомӣ, ки дар ин айём назди сараскар маъмури навиштани вақоеи лашкар буд, менависад: " чун назми лашкар ба ҳам хӯрд ва пароканда шуданд, ман аз бими ҷон гурехта ва дар манзили мулло Камолиддини кузфалак, ки он ҳангом муфтии Самарқанд буданд, паноҳ гирифтам"[1].

Ҳамлаи низомӣ ба Самарқанд шуруъ шуд, ки 2 майи соли 1868 бидуни мубориза шаҳр ба русҳо таслим шуд.

2 июни соли 1868, дар баландиҳои Зирабулоқ, дар байни Каттақӯрғон ва Бухоро байни лашкари Русия ва Бухоро ҷанги ҳалкунанда баргузор шуд; лашкари Бухоро мағлуб шуд ва амир Музаффар маҷбур шуд, ки бо К.П. Кауфман сулҳ бандад.

Дар диссертатсия таъкид мешавад, ки новобаста аз муносибати рақибонаи худ нисбат ба русҳо ҳамчун истилогарон, Сомӣ дар тамоми асар ҳангоми инъикоси ҷанги Русияю Бухоро (солҳои 1866 – 1868) бештар ба он таваҷҷуҳ намудааст, ки лашкари рус зимни истилои хонигарӣ асосан роҳи осоишта ва бе талафоти ҷониро пайгирӣ менамуд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши таърихи сиёсати амир Музаффар ва вуруди қувваҳои ҳарбии ҳукумати подшоҳии Рус ба сарзамини Осиёи Миёна дар асоси "Туҳфаи шоҳӣ" ва муқоисаи он бо дигар манобеъи таърихӣ метавон хулоса кард, ки сабаби парокандагии лашкар, фирори ҳокимон, аз майдони ҷанг, сари таъзим фуруд овардани сарварони қабилаҳои алоҳида, ғазавоти муллоҳо боиси шикасти сипоҳиёни аморати Бухоро гардид.

## ХУЛОСА

### 1.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Мирзо Абдулазими Сомӣ муншӣ, хаттот, воқеанигор ва муаррихи даврони манғития ба шумор рафта, шоҳиди бевоситаи ҳама гуна ҳаводиси таърихӣ – сиёсӣ ва иҷтимоӣ буда, онро дар асараш «Туҳфаи шоҳӣ» ба таври муфассал инъикос намудааст.

[2] Туҳфаи шоҳӣ С.197.
[3] Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз салтанати хонадони манғития. С.56
[1] Туҳфаи шоҳӣ, С.202.

Сомӣ асосан муншии дарбори амир Музаффар, воқеанигори расмии ӯ буда, дар ҳама сафарҳо ва ҷангу лашкаркашиҳо амирро ҳамроҳӣ мекард ва оқибат дар замони ҳукумати амир Абдулаҳад бо сабаби фош гуфтани беадолатиҳои амиру атрофиёнаш аз дарбор ронда шуд. Вале бо вуҷуди аз дарбор ронда шудан, дар дами пирӣ азобу уқубати фақрро чашидан, даст ба таълифи асари «Туҳфаи шоҳӣ» зад. Сабаби чунин иқдомро пеша кардани худро Сомӣ аз лутфу марҳамати беандоза бархӯрдор ва шукргузор будан аз ин хонадон, алалхусус дар замони ҳукмронии амир Музаффар нисбат медиҳад. Вале бояд қайд кард, ки бо вуҷуди дар ин рӯҳия эҷод шудани асар «Туҳфаи шоҳӣ» бо чандин далелҳо арзиш ва қиммати илмии худро, ҳамчун манобеи инъикоскунандаи таърихи аморати Бухоро дар замони ҳукмронии амирони манғит гум намекунад:

1. Сомӣ инъикоси воқеаҳоро на аз хонадони манғит, балки аз даврони ҳукмронии Убайдуллоҳхон ва муборизаи ӯ бо ҳокими Балх Муҳаммад Муқимхон оғоз мекунад.Тибқи ақидаи муаллифи асар таназзули давлати Аштархониён ва ба сари қудрат омадани ашрофи маҳаллӣ дар Мовароуннаҳр дар замони ҳукмронии Субҳонқулихон ва Убайдуллоҳхон сурат гирифт. Бо сабаби бадкирдорӣ ва ба шаробнӯшию фосиқӣ банд будани Абулфайзхон «амрҳояш берун аз остонаи қаср эътибор надоштанд». Муҳоҷирати оммавии қипчоқҳо аз Миёнкол ба Самарқанду Қаршӣ, ҳамлаҳои пайдарпайи бодиянишинони қазоқ ба водии Зарафшон, қабилаҳои қароқалпоқ, хитой – қипчоқҳо ба Бухоро ва Самарқанд сабаби барангехтани ошӯб, бухрони иқтисодӣ ва қашшоқӣ дар кишвар гардид. Аз ин вазъият истифода бурда, аъёну ашрофи қабилаҳои манғит нуфузи худро дар доираҳои ҳукмрон пурзӯр намуданд. Сомӣ алалхусус ба Муҳаммадҳакимбий ва писараш Муҳаммадраҳимбий таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, онҳоро шахсони дурандеш, бозаковат ва ҳушёр васф карда, нуфуз ва эътибори хонадони манғитро дар замони давлати ин ҳар ду медонад [2 – М].

2.Сомӣ дар асари худ дар бораи усули идоракунии ҳар як амири сулола, ҳамчунин оид ба вазъи иҷтимоӣ – сиёсии аморати Бухоро, тарзи интихоби маъмурин ба вазифаҳои давлатӣ, сарфароз кардан ба дараҷаҳо маълумоти муфассал медиҳад. Хусусан, дар бораи тарзи идораи давлатии амир Шоҳмурод, амир Ҳайдар ва амир Музаффар назари мусбӣ дошта, онҳоро то ҳадде адлпарвар тасвир мекунад. Зеро ин амирон бо баъзе нақшаҳои пешгирифтаи худ, алалхусус ба низом даровардани ситонидани андозу хироҷ ба дигар аҳли табақот сабукӣ оварданд. Ба назари ин муаррих, амирони манғит бештар ба мақомоти давлатӣ намояндагони табақаи уламоро вобаста гардонида буданд, бинобар ин бо машварати пайвастаи онҳо дар ҷомеа тороҷи амволи фуқаро ва роҳзанӣ аз байн бурда шуд. Ин усули идоракунӣ ва

тарзи интихоби маъмурини давлатӣ аз ҷониби амир Ҳайдар табақаи сипоҳро аз ҳукуматаш норозӣ мекард. Аз ин ҷост, ки пайваста онҳо мардумро ба шӯр бармеангехтанд ва мекӯшиданд, ҳар чи зиёдтар оташи ҷанг дар кишвар аланга гирад ва амир ба хунрезӣ ва ғорат машғул шавад, то аз ин ҳисоб онҳо бештар маблағи бе ранҷ ба даст оваранд [1 – М;2 – М].

3. Барои инъикос кардани воқеияти таърихӣ, муаррих ба сари қудрат омадани амир Насруллоҳ ва тарзи ҳукумат кардани он назари худро иброз дошта, менависад, ки сабаби бештар такя доштани амир ба табақаи сипоҳ ва ба дӯши онҳо бор кардани идораи ҳукумат низоми то ҳадде бо адл оросташудаи кишварро барҳам зад [3 – М].

4. Аз навиштаҳои Сомӣ бармеояд, ки тамоми муаммоҳои корҳои давлатӣ, масъалаҳои муҳимми сиёсӣ дар қароргоҳи амир – Арк, ки дар Бухоро воқеъ буд, ҳаллу фасл мегардид. Амир тамоми ҳудуди мамлакатро ба бекигарӣ ҷудо карда, идора менамуд. Онҳо аз вилоятҳои зерин иборат буданд: Чорҷӯй, Кармина, Зиёвуддин, Нурато, Хатирчӣ, Китоб, Шаҳрисабз, Чироғчӣ, Яккабоғ, Ғузор, Бойсун, Қаротегин, Деҳнав, Ҳисор, Балҷувон, Шуғнон, Рӯшон, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Қубодиён, Шеробод, Калиф, Каркӣ, Будалик, Қароқлӣ ва Қаршӣ [4 – М].

5. Сомӣ амалдорони давлатӣ ва соҳибрутбаҳои давлати манғитӣ, аз ҷумла атолиқ, қушбегӣ, раис, қозӣ, хазиначӣ, иноқ, нозир, муставфӣ, муншӣ ва мушриф, ясавул, амлокдор, мирохӯр, туқсабо, миршаб, доруға, мингбоширо зикр мекунад, ки ба табақаи аҳли сипоҳ дохил мешуданд. Ин мансабдоронро асосан вазири бузург – қушбегӣ сарварӣ мекард. Ҳокимияти олии иҷроияи аморат ҳам дар дасти ӯ буд. Бекҳои вилоят ё ноҳияҳоро ҳам қушбегӣ тавсия мекарду амир тасдиқ менамуд. Корҳои молияву хазинаи аморат дар дасти девонбегӣ буд. Ӯ ба андозгирандагон такя карда, хазинаро пур мекард. Онҳо аз чорво ва соҳаҳои ҳунармандию деҳқонӣ дар фаслҳои гуногун ҳар гуна андоз меситониданд. Баъзан ба қушбегии солаш бузургтар унвони атолиқ низ дода мешуд [1 – М; 2 – М; 4 – М].

6. Муаллиф сиёсати хориҷии аморати Бухорои давраи ҳукмронии амирони манғит ва ҳуҷуми онҳоро ба кишварҳои ҳамсоя ҷонибдорӣ намуда, ҳокимони он диёрро ба сифати «ошӯбгар ва ғоратгар» маҳкум менамояд. Новобаста аз он, ки Сомӣ ин амиронро одил тасвир мекунад, лекин ҷангҳои пайиҳами ин амирон ба манотиқи гуногун аз адолатгустар будани ин амирон далолат намекунад. Балки дар ҷангҷӯӣ ва қитол аз дигар амирони баъдина, аз он ҷумла Насруллоҳ фарқияте надоштанд [3 – М].

7. Сомӣ нақл мекунад, ки дар давраи ҳукмронии амир Насруллоҳ ба Бухоро ворид шудани ғайримусалмон манъ ва аз Бухоро ба Россия танҳо ба шумораи маҳдуди савдогарон рафтан

иҷозат буд. Дар ин давра аз ҷониби русҳо Бухоро танҳо меҳр ва муруват дидааст. Аз Россия сафорате барои изҳори дӯстӣ ба Бухоро фиристода мешавад. Ҳайати сафорат хело хуб пазироӣ шуда, ки муаллифро ба ҳайрат гузоштааст, чун он замон аз ғайридин касе ҷуръати ворид ба Бухороро надошт, чун пеш аз ин англисе, ки худсарона ба кишвар омад, ба қатл расонида шуд. Дар ҷавоб амир Насруллоҳ сафорате бо роҳбарии Муллоҷон мирохур бо ҳадоёи зиёде,ки ду фил низ дохил буд, ба Россия равон мекунад. Даврони ҳукумати Насруллоҳро ҷамъбаст карда, Сомӣ қайд мекунад, ки дар ин давра «Бухоро аз русҳо танҳо улфату меҳрубониҳо дидааст» [3 – М].

8. Зимни инъикоси даврони ҳукронии амир Музаффар муаллиф асосан ба ошӯбҳои ҳокимони Шаҳрисабз, Ҳисори Шодмон бар зидди ҳукумати марказӣ таваҷҷуҳ мекунад. Дар ин ҷо маълумоти хеле аҷиб доир ба шӯрои аъёну ашроф, ки нақшаи ҳуҷум бар зидди амирро роҳандозӣ мекарданд, номҳои иштирокчиёни шӯро, ақоиди мухталифи дар он иброзшударо ба тафсил меорад. Сомӣ зимни тасвир намудани ин шӯру ошӯбҳо бо ҳар восита амир Музаффарро ҷонибдорӣ намуда, сабаби онро дар барангехтани фитна ва зулму истисмори ҳокимони музофот нисбат ба мардуми он мепиндорад. Аз ҷумла, лашкаркашиҳои амир Музаффарро ба Ҳисори Шодмон дар хурӯҷи сарони қабила ва дар муносибати бади ҳоким Абдусаттор инок бо аҳолии вилоят мепиндорад [1 – М; 4 – М].

9. Дар асар истилои Осиёи Миёна аз ҷониби русҳо, ҷанги русу Бухоро (1866 – 1868), асосан дар Ҷиззах, Самарқанд, Чӯпонато, Каттақӯрғон, вазъи сиёсии Хӯқанд дар арафаи истилои русҳо, ҳуҷуми лашкари рус ба Тошканд, Хуҷанд хеле муфассал нигошта шудааст. Муаллиф сабаби шикасти сипоҳиёни амирро дар парокандагии лашкар, фирори ҳокимон аз майдони ҷанг, сари таъзим фуруд овардани сарварони қабилаҳо, ғазавоти муллоҳо мепиндорад. Инчунин аз шартномаи Ширинхотун – Зирабулоқ ва муайян кардани сарҳади байни ду давлат сухан меронад.

Тибқи шаҳодати муаллиф русҳо дар Тошканд сиёсати дӯстонаро пеша карда, аз зулму ситам ва фишор овардан ба аҳолӣ худдорӣ мекарданд, ки ин «муносибати аҳолии Тошкандро бо давлати насронӣ мустаҳкам мекард» [4 – М].

10. Оид ба зулму истисмори сохти феодалӣ дар хонигарии Бухорои нимаи дувуми асри XIX онро бояд зикр кард, ки аҳолии як қатор шаҳрҳо аз фишори ҳокимони худ ба дод омада, маҷбур мешуданд, ки аз истисморгарон мадад ҷӯянд, амсоли ин дар Самарқанд, Каттақӯрғон дар Панҷшанбе оқсақолони қабилаҳо худ ба назди губернатор омаданд. Зери фишори муллоҳо амир маҷбур ба ҷанги муқаддас баромад. Дар аввал ба Ҷиззах, ки он ҷо

иштирокчиёни «ғазавот» ҷамъ шуда буданд, баъдан ба Сисикӯл дар соҳили дарёи Сир истеҳком гирифтанд. Муллоҳо аксарияти лашкарро ташкил карданд, ки дар Майдаюлгун шумораи онҳо ба 30 ҳазор расид. Аммо дар аввалин задухӯрд бо русҳо, аксарият кушта, боқӣ ба Ҷиззах фирор намуданд. Амир бо наздикони худ аввал ба Хавос, ки боқимондаи лашкар он ҷо ҷамъ шуда буд ва баъд ба Зомин ва Ҷиззах ҳаракат намуд.

Баъдан, ҳуҷуми дувуми русҳо ба Ҷиззах соли 1282\1865 – 1866 зикр шудааст. Муаллиф номи сарфармондеҳони амир Баҳодурбекбийи парвоначӣ ва Яқуббийи қушбегиро зикр мекунад, ки барои мудофиаи қалъа ба Ҷиззах фиристода шудаанд [1 – М; 4 – М].

11.Байни муҳофизони Ҷиззах фармондеҳи афғон Искандархон низ буд, ки нисбат ба дигарон ҳақиқати ҳолро хубтар дарк мекард. Искандархон пешниҳод кард, ки лашкарро ду қисм ҷудо намуда, аввалан, бояд қалъаро муҳофизат кард ва қисмати дувум аз ақибгоҳ ба душман зарба занад. Вақте ки пешниҳоди ӯ рад шуд, хоҳиш кард, ки ақаллан як дарвозаро дар ҳолати ақибнишинӣ кушода монанд, вале ба гуфтаи ӯ умуман эътибор надоданд [1 – М; 4 – М].

12. Дар асар ишғоли Самарқанд хеле ба тафсил оварда шудааст. Баъди шикасти Ҷиззах амир Шералиинокро ба сифати фармондеҳи лашкари Самарқанд гузошта, худ ба ҷониби Кармина ҳаракат мекунад. Шералиинок дар маҳаллаи Хишткӯпрук дар масофаи на чандон дур аз Самарқанд, дар роҳи Ҷиззах бо сарбозу тӯпҳо мусаллаҳ, истеҳком гирифт.

Сомӣ менависад, ки аҳолии Самарқанд аз зулму ситами хокими худ Шералӣ ба дод омада, чанд бор ба амир мактуби шикоятӣ менависанд ва изҳор мекунанд, ки дар ҳолати иваз кардани ҳоким, аҳолӣ ҳама баробар бар зидди русҳо мубориза мебаранд.

Муаллифи дарбор будан Сомиро маҷбур мекунад, ки гумоштаи амир Шералиро ҳаматарафа сафед ва ҷонибдорӣ карда, аҳолии Самарқандро гунаҳкор донад, ки майл ба шӯру ошӯб дошта, шикояти бардурӯғ ба амир расонданд [4 – М].

13. Муаллиф дар бораи ошӯби писари Музаффар Абдумаликтӯра, ки бозичаи дасти қувваҳои марказгурез (Шаҳрисабз ва Ҳисор) буда, бар зидди ҳокимияти марказӣ муфассал нақл мекунад. Сабаби ошӯбро Сомӣ дар ранҷиши Абдумалик аз падари худ, ки бо иғвои ҳокими Самарқанд Шералӣ аз Самарқанд ронда, ба Ғузор ҳоким таъйин шуд, медонад. Ин ҳолати рӯҳии Абдумаликро ашрофи вилоятҳои зикршуда ба нафъи худ истифода бурданд [4 – М].

14. Нисбат ба даврони ҳукмронии Абдулаҳад Сомӣ ба ҷуз аз он, ки аз давраи ба тахт нишастани ӯ то анҷоми асар 14 сол сипарӣ шудааст, дигар чизе намегӯяд. Соми Абдулаҳадро шоҳи одил

номидааст, зеро ба андешаи ӯ дар даврони ҳукуматаш шӯру ошӯб, зулму ситам дида намешуд, тинҷию оромӣ ҳукмфармо буд [1 – М].

15. Асари «Туҳфаи шоҳӣ» гарчанде ки бо супориши шахсе навишта нашуда, бо хоҳишу дархости худи муаллиф таълиф шудааст, аз мундариҷаи он маълум мегардад, ки ба дарбориён ва шахсан худи амир Абдулаҳад маълум аст. Чун дар мундариҷаи асар Сомӣ аз корҳои дарбор ва аз «мақоми баланд» дар давраи амир Абдулаҳад сабукдӯш шуданаш шикоят мекунад, аммо дар матн ҳар ду амирро бо унвонҳои баланд васф карда, илова мекунад, ки сабаби ягона таълифи асар, ин дар таърих гузоштани номи «бузурги» амир Музаффар буда, бар ивази он манфиати моддиро ҷӯё нест [1 – М].

Дар баробари ин асари "Туҳфаи шоҳӣ" – и Сомӣ аз камбудиҳои ҷиддӣ низ холӣ нест. Пеш аз ҳама яке аз камбудиҳои ҷиддии асар ин омехташавии ҳаводис таърихӣ бо шахсиятҳои таърихӣ мебошад. Асосан ин камбудиҳо на ба таърихи хонигарӣ, балки ба таърихи Россия ва хонигарии Хӯқанд дахл доранд. Инчунин муаллиф дар нигоштани таърихи рус ба хатоиҳо роҳ медиҳад, ки аз маълумоти дақиқ надоштани ӯ доир ба таърихи ин кишвар далолат мекунад. Масалан, Сомӣ менависад, ки соли 1255/1839 – 40 шоҳи рус Александр қарор кард, ки Туркистонро забт кунад. Кауфманро сарфармондеҳи қӯшун таъйин ва ба Оқмачит мефиристад (в.188а). Вале воқеият он аст, ки дар давраи ҳукмронии Николайи 1 аз ҷониби генерал – губернатори Оренбург В.А. Перовский аввалин ҳуҷуми ҳарбии ноком ба хонигарии Хева ва қалъаи хӯқандии Оқмачит соли 1853 сурат гирифта буд. Ин ҳодиса бо номи Кауфман ягон алоқамандие надорад. Ҳамзамон, Сомӣ қайд мекунад, ки ҳангоме ки русҳо дар Сирдарё истеҳком гирифтанд, роҳбарӣ ба зиммаи Кауфман буд, ки ин низ воқеият надорад.

Муаллиф соли рафтани сафоратро ба Петербург зери роҳбарии ворисi тахт Абдулаҳад ба муносибати марги шоҳ Александри II (1885 – 1881) ва ба сари тахт нишастани Александри III (1881 – 1894) (в.286а – б) ва марги Александри II – ро соли 1302/1884 – 1885 қайд кардааст, ки низ нодуруст аст. Вале бо вуҷуди ин маводи Сомӣ ҳамчун ҳамзамон, шоҳид ва иштирокчии ҳаводиси забткории Осиёи Миёна аз ҷониби Русияи подшоҳӣ ҳатто дар инъикоси расмии ҳодисаҳои таърихӣ арзиши баланди илмии худро дар таҳқиқи ин давра гум намекунад.

**2.Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи таърихи Хуросон, Мовароуннаҳр ва аморати Бухорои давраи мазкур, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ – методӣ барои кӯмак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода шаванд.

# ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

## Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷиикстон чоп шудаанд:

[1–М]. Абдулов, З. Н. Маъхази муътабар оид ба таърихи халқи тоҷики охири асри XIX ва аввали асри XX / З. Н. Абдулов // Муаррих. 2018. №3 (15). – С.112 – 124.

[2–М]. Абдулов, З.Н. Инъикоси вазъи сиёсии Хуросон ва Мовароуннаҳр дар замони Аштархониён тибқи манобеъи таърихӣ / З.Н. Абдулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2019. №10. С.122 – 126.

[3–М]. Абдулов, З. Н. Зикри салтанати амир Насруллоҳ дар "Туҳфаи шоҳӣ" – и Мирзо Абдулазими Сомӣ / З. Н. Абдулов // Паёми Донишкадаи забонҳо. – 2020. №3(39). С.111 – 117.

[4–М]. Абдулзода, З.Н. Инъикоси лашкаркашии Россия ба аморати Бухоро дар "Туҳфаи шоҳӣ" – и Мирзо Абдулазими Сомӣ / Н.К. Убайдулло, З.Н. Абдулзода // Муаррих. – 2023. № 1 (33). – С. 3 – 10.

[5–М]. Абдулзода, З.Н. Зикри лашкаркашиҳои амир Музаффар ба Бухорои Шарқӣ дар "Туҳфаи шоҳӣ" – и Мирзо Абдулазими Сомӣ / Н.К. Убайдулло, З.Н. Абдулзода // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2023. № 1. – С. 34 – 40.

## Мақолаҳои дар дигар маҷмуаҳои илмӣ, маҷаллаҳо ва маводҳои конференсиявӣ ба табъ расида:

[6–М]. Абдулзода, З.Н. Бозтоби авзои сиёсии Хуросону Мовароуннаҳри ибтидои асри XVIII дар "Туҳфаи шоҳӣ" – и Мирзо Абдулазими Сомӣ / Н.К. Убайдулло, З.Н. Абдулзода // Маводи конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30 – солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 15 ноябри соли 2022. – С.319 – 322.

[7–М]. Абдулзода, З.Н. Зикри салтанати Абулфайзхони Аштархонӣ (1711 – 1747) дар "Туҳфаи шоҳӣ" – и Мирзо Абдулазими Сомӣ / З.Н. Абдулзода // Маводи конференсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30 – солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 15 ноябри соли 2022. – С.322 – 327.

**НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА**
**ИНСТИТУТ ИСТОРИИ, АРХЕОЛОГИИ И ЭТНОГРАФИИ**
**ИМЕНИ АХМАДА ДОНИША**

**УДК: 370(091) (575:34)** ***На правах рукописи***

**АБДУЛЗОДА ЗИЁДУЛЛО НАЗАР**

# “ТУХФА– И ШАХИ” МИРЗЫ АБДУЛАЗИМА САМИ КАК ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК

**АВТОРЕФЕРАТ**
**диссертации на соискание ученой степени кандидата исторических наук по специальности 07.00.09 – Историография, источниковедение и методы исторического исследования**
**(исторические науки)**

**Душанбе – 2023**

Диссертация выполнена в отделе древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша Национальной академии наук Таджикистана.

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Убайдулло Насрулло Каримзода** доктор исторических наук, профессор, директор Института истории, археологии и этнографии имени Ахмада Дониша НАНТ |
| **Официальные оппоненты:** | **Хотамов Намоз Басарович** – доктор исторических наук, профессор кафедры обществоведения Международного университета туризма и бизнеса Таджикистана. |
| | **Пирумшоев Мунир Хайдаршоевич** – кандидат исторических наук, дотсент кафедры всеобщей и отечественной истории Российско – Таджикского Славянского университета. |
| **Ведущая организация:** | **ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова».** |

Защита состоится 21 сентября 2023 года в 13.00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА – 035 по защите диссертаций на соискание ученой степени кандидат истарических наук и доктора истарических наук при Институте истории, археологии и этнографии имени Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана, по адресу: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33.

С диссертацией можно ознакомиться в Центральной научной библиотеке имени Индиры Ганды Национальной академии наук Таджикистана (734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33) и на официальном сайте Института истории, археологии и этнографии имени Ахмада Дониша Национальной академии наук Таджикистана (www.institute – history.tj)

**Автореферат разослан «___» __________ 2023 года.**

**Ученый секретарь**
**Диссертационного совета,**
**доктор исторических наук** **Иброхимов М.Ф.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования**. В годы независимости для глубокого и всестороннего исследования истории таджикского народа и других народов Центральной Азии появилось больше возможностей. Прежде всего, сегодня исследователям доступны множество письменных рукописей, имеющих ценную информацию по истории, экономики, обычаев и культуры народов и стран. Но до сегодняшнего дня не все сведения и материалы этих источников достаточно рассматривались и подвергались критическому научному анализу.

Большинство этих рукописей написаны придворными историками или по поручению правителей своего времени. Но в них авторы воздерживались от анализа и описания многих политических, социальных, культурных вопросов. Тем не менее, эти источники имеют много ценной информации по истории, культуре и социально – политической системе. Такие исторические летописи, как правило, сочинялись по указанию правителей для восхваления их подвигов и щедрости.

Центральной темой этих летописей были рассказы о войнах, военных походах, отношениях между правителями. Они также касались истории дворца и придворных. Дух раболепия и лести охватывает почти все летописи прошлого.

Письменные исторические источники, прежде всего, интересны тем, что независимо от качества и ценности, они ознакомят нас с неизвестными событиями, или предоставляют новые сведения по конкретным и известным происшествиям. Одним из таких исторических книг (трактатов) считается "Тухфа – и шахи" Мирзы Абдулазима Сами Бустани. Это один из ценных исторических источников периода правления мангытской династии в Бухарском эмирате.

Автор данного трактата долгое время находился на службе у эмира Музаффара (1860 – 1885) и занимал должность официального летописца бухарской армии, он также был непосредственным свидетелем многих событий периода его правления, в том числе войн эмира Музаффара с правителями Шахрисабза и России.

Поэтому, данный труд предоставляет исследователям важные и ценные сведения по истории правления эмира Музаффара, так как является ценным письменным источником первой руки, посвященным историческим событиям второй половины XIX века.

Именно в связи с этими ценностями, его изучение выбрано в качестве важного источника по истории таджикского народа в середине и второй половине XIX века в рамках отдельной кандидатской диссертации.

Сведения “Тухфа – и шахи” Мирзы Абдулазима Сами Бустани по истории Бухарского эмирата и других ханств Центральной Азии, а также завоевание этих территорий царской Россией проливают свет на многие малоизвестные страницы данного периода, и введение этого исторического источника в научный оборот по следующим причинам обосновывает актуальность выбранной темы:

– автор по причине своего высокого социального положения имел доступ ко всем официальным документам, которых использовал в своей книге;

– Сами был непосредственным свидетелем многих событий, произошедших в период правления эмира Музаффара;

– в данном трактате широко отражено множество документов, цифр, дат и имен, которые, по своей сути, редки;

– сопоставление сведений “Тухфа – и шахи” с произведениями современников Сами создает важные предпосылки для объективного отражения истории второй половины XIX.

В рамках отдельной диссертации, данная тема до сих пор не исследована, поэтому для полного анализа книги крайне важно, чтобы приведенные в ней сведения с критической точки зрения сопоставлялись со сведениями других источников.

**Степень изученности темы.** История Бухарского эмирата часто привлекала внимание местных и зарубежных ученых. После завоевания региона царской Россией, сюда (в регион) пришли много исследователей, которые написали интересные исследования по истории, культуре и этнографии Средней Азии. Именно в это время были переведены и изданы ряд исторических источников и трактатов, авторами которых были местные историки. Но критическое изучение большинства письменных источников этого периода не было завершено должным образом. К ним можно также отнести труды Мирзы Абдулазима Сами, особенно его исторический трактат “Тухфа – и шахи”. В советский период в этом направлении были опубликованы многие другие труды. Но сегодня исследование “Тухфа – и шахи” Мирзы Абдулазима Сами, да и история мангытов, в общем не ограничивается одной страной. Сфера исследования этой темы связана с географией стран, которые в прошлом подчинялись этой династии, или мангытская династия в определенный период времени уделяла внимание им. Таким образом, опубликованные в данном контексте труды можно разделить на четыре группы:

**В первую группу** входят книги и исследования, которые на основе письменных источников и архивных материалов отражают историю Бухарского эмирата во второй половине XIX века. Это фундаментальный

труд “История таджикского народа” в 3 томах и 5 книгах[27], фундаментальное исследование “История таджикского народа”[28] в 6 томах, а также научные диссертации, посвященные данным вопросам.

**Во вторую группу** входят книги, опубликованные в России и бывшем Советском Союзе. Исследователи Г.Н.Чабров[29], И.С.Брагинский[30], Л.М.Епифанова[31], О.А.Егоренко[32] в своих трудах в той или иной мере рассматривали жизнь и творчество Мирзы Абдулазима Сами. В том числе, В представлении Мирзы Абдулазима Сами и введения его исторических трудов в научный оборот огромна заслуга Л.М.Епифановой.

Исследователь Егоренко О.А. стремился положить на весы исторических проблем положение народов Бухарского эмирата во времена российского протектората, и объективно рассматривать его положительные и негативные аспекты. В подкреплении сведений Сами по битве в Майдагулюне (май 1866) он утверждает, что инцииатором этого сражения были мусульмане, объявившие джихад против России[33].

**Третья группа** – это исторические и литературные произведения, опубликованные в Таджикистане. В представлении личности и историко – политических идей Мирзы Абдулазима Сами значителен вклад исследователей исторической мысли таджикского народа, таких как С. Айни[34], Б.Гафуров[35] и З. Раджабов[36].

Садриддин Айни во второй части “Образцов таджикской литературы” дает краткие сведения относительно жизни и творчества Сами. Также при написании своего исторического труда “История мангытских эмиров Бухары” он часто обращается к “Истории мангытских государей, правивших в столице, благородной Бухаре” Мирзы Абдулазима Сами.

---

[27]История таджикского народа. Т. II. Кн. 1, 2.- М.: Наука, 1964.- 492, 355 с.

[28] История таджикского народа. Т.IV. Позднее средневековье и новое время (XVI-1917 г.). Под общей редакцией академка Р.М. Масова.- Душанбе, Дониш, 2010.- 1124 с.

[29]Чабров Г.Н. Новый источник по истории Бухарского ханства. Бюлл. АН Уз. ССР. - Ташкент, 1947, №2. –С. 23-30.

[30] Брагинский И.С. Садриддин Айни. Материалы к биографии и творческой характеристике. Сталинабад.1948. -24 с.

[31] Мирза Абдалазим Сами. История манытских государей, правивших в столице, благородной Бухаре. («Тарих-и салатин-и мангитийа» дар ас-салтана-и Бухараи шариф). Тарҷумаи Епифанова Л.М. ИВЛ, 1962. 331 с.; Ҳамин муаллиф: Рукописные источники Института Востоковедения академии Наук УзССР по истории Средней Азии периода присоединения к России (Бухара). Ташкент,1965. С.22-42.

[32] Егоренко О.А. Бухарский эмират в период протектората России (1868-1929 гг.). Историография проблемы. М.,2008.

[33] Егоренко О.А. Бухарский эмират в период протектората России (1868-1929 гг.). С.32.

[34] Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. Душанбе, 2010, С.231-233.; Ёддоштҳо. Ҷилди 7. М.1961.С.17-19.

[9]Гафуров Б.Г. История таджикского народа, Т.1.1963, С.419-422.

[10] Раҷабов З. Мирзо Азими Сомӣ ва осори ӯ. Шарқи сурх, № 5. 1947.-С. 96-

Академик Б.Гафуров в “Краткой истории таджикского народа”[37] называет Сами “таджикским историком”, и при освещении политического положения Бухарского эмирата во второй половине XIX века, опираясь на его труды, приводит много цитат из его трудов. Ученый со ссылкой на книги Сами рассказывает о победах армии царской России при завоевании Коканда и Бухары, а также частично говорит о междоусобных войнах между ханствами.

В своей научной статье “Мирза Азими Сами и его наследие” З.Ш. Раджабов дает краткие сведения о “Тухфа – и шахи”. Об историческом значении указанного труда ученый отмечает: “Так как я проявляю интерес к общественной мысли последнего периода Средней Азии, рукопись Сами “Тухфа – и шахи” для меня является одним из важных письменных документов, который показывают развитие общественного мысли жителей Бухары”[38].

Б.Исмаилов[39], А.Саидов[40], Р.Хашеми[41], Х. Мохаммадреза[42] относятся к числу тех историков, которые в своих исследованиях, в основном ссылались на Сами. Известный ученый А. Саидов книгу Сами называет ценным источником[43] (17) по освещению истории вторжения Надир – шаха в Бухарское ханство и его последствиях, а также различных аспектах правления и деятельности высокопоставленных придворных сановников.

М. Холов ставит в центре своего исследования принцип историзма в творчестве Сами, и отмечает, что он искусно использовал различные методы, исследования, особенно байинот (неопровержимые аргументы) и таъмия (загадочность), которые во времена автора практически были забиты, и он внес свой вклад в их возрождении и развитии[44].

**Четвертая группа** – это исследования, которые были опубликованы за рубежом, в первую очередь, в Иране и Афганистане. “Тухфа – и шахи”

---

[37] Гафуров Б.Г. История таджикского народа, Т.1.1963, С.419-422.

[38] Раҷабов З.Ш. Мирзо-Азим Сомӣ ва осори ӯ. - С.28.

[39] Исмаилова Б. Политические и социально-экономические положение Бухарского эмирата: вторая половина XYIII- середина XIX в. Худжанд, 2004.

[40]Саидов А. Политическое и социально экономическое положение Бухарского ханства в XYII-первой половине XYIII вв. Душанбе, 2007.

[41] Хашеми Ракаванди Сейид Эсмаил. Отношения Ирана с ханствами Мавераннахра в XYIII- начале XX веков. Душанбе, 2011.

[42] Мохаммадреза Хамеди. Политические, экономические и культурные преобразования в Средней Азии в XIX-начале XX вв. Душанбе, 2013.

[43] Саидов А.Мовароуннаҳр дар асри XYII ва нимаи аввали асри XYIII (таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ). Душанбе,2020. С.49.

[44] Холов М. Моддаи таърих дар эҷодиёти Мирзо Азими Сомӣ. Суханшиносӣ, №4, 2016. - С.78-92.

Мирзы Абдулазима Сами была подготовлена и опубликована членом Ассоциации культурного наследия и гордости Ирана[45] Нодирой Джалали.

Н. Джалали утверждает, что Сами наблюдал за битвами эмира Музафара с правителями Шахрисябза и российской армии, и он также предоставляет важные сведения по правлению эмира Музаффара. Иранский автор утверждает, что эти сведения повышают ценность книги Сами.

Относительно стиля изложения “Тухфа – и шахи” Н. Джалали придерживается мнения, что это произведение имеет благозвучный (плавный) стиль, сочетающийся с фразами, словосочетанием, словесными и выразительными украшениями. При изложении материалов книги по требованию слова (жанра) искал пользы от стихов и хадисов[46].

**Связь работы с программами (проектами) и научными темами.** Настоящее диссертационное исследование выполнено в рамках научно – исследовательского плана Отдела древней, средневековой и новой истрии Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша Национальной Академии наук Таджикистана на 2016 – 2021 гг. на тему взаимоотношений между коренными и кочевыми народами Средней Азии в средние века и в новое время (политика, экономика и культура).

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Цель исследования**. При освещении политической истории и внешней политики Бухарского эмирата по тракту М.Сами в востоковедческой науке эти проблемы во взаимосвязи с биографией и научно – литературными произведениями автора не до конца рассмотрены. Цель данного конкретного исследования требует рассмотрения следующих **задач:**

– полноценный анализ жизни и творчества Мирзы Абдулазима Сами на основе существующих источников;

– научно – критический анализ содержания “Тухфа – и шахи”;

– опираясь на сведения Сами рассматривать степень отражения политического положения Хорасана и Мавераннахра в первой половине XYIII века;

– анализ истории военных походов мангытских эмиров за пределы Бухарского эмирата в конце XYIII – нач. XIX века;

опираясь на сведения Сами проанализировать положение Бухарского эмирата в период правления эмира Музаффара;

---

[45] Туҳфаи шоҳӣ.Таълифи Мирзо Абдулазими Бустони Бухороӣ.Тасҳеҳ,таҳшия ва таълиқи Нодира Ҷалолӣ. Теҳрон,1377.

[46] Туҳфаи шоҳӣ.Таълифи Мирзо Абдулазими Бустони Бухороӣ.Тасҳеҳ,таҳшия ва таълиқи Нодира Ҷалолӣ. Теҳрон,1377.С.15-16.

– отражение истории завоевания Центральной Азии русским правительством и ввод его вооруженных сил в регион на основе сведений Сами и других письменных источников;

– определение ценности Тухфа – и шахи” Сами как исторического источника первой руки;

**Объект исследования** – это изучение “Тухфаи шахи” Мирзы Абдулазима Сами в качестве исторического источника по истории Бухарского эмирата и других ханств Центральной Азии.

**Предмет исследования** настоящей диссертации – это анализ источниковедческого труда “Тухфа и шахи” и его сопоставление с другими историческими первоисточниками, авторами которых были современниками Сами, а также определение данного произведения в научном обороте в качестве источника по политической истории Хорасана и Мавераннахра в XYIII – нач. XIX века.

**Хронологические рамки исследования** охватывает XYIII – первую половину XIX века. Это период значительных преобразований в политической, экономической и социальной жизни в Хорасане и Мавераннахре, в том числе в Бухарском эмирате.

**Методологические основы диссертации**. При подготовке диссертации были применены различные принципы анализа первоисточников, письменного наследия и исторических произведений. Это, прежде всего изучение основ и фактов, сопоставление, историко – сравнительный и систематический анализ, рекомендации, выводы и критический подход.

**Источниковедческая база исследования** широкое и многоаспектное, и условно ее можно разделить на три группы:

**В первую группу** входят ценные письменные источники по исследуемым событиям конца XYII – нач. XYIII в Хорасане и Мавераннахре[47].

**Во вторую группу** входят источники, которые трактуют события второй половины XYIII – нач. XIX века[48].

---

[47] Муҳаммад Юсуфи Мунши̇̄. Тазкираи Муқимхонӣ. Муқаддима ва тавзеҳоти Фариштаи Саррофон. Теҳрон: Мероси мактуб, 1370.; Мирмуҳаммад Амини Бухорӣ. Убайдуллоҳнома /Перевод с таджикского с примечаниями А.А. Семенова. Ташкент, 1957.; Абдураҳмони Толеъ. Таърихи Абулфайзхон/Перевод с таджикского, предисловие, примечания и указатели проф.А.А. Семенова. Ташкент:Изд-во АН УзССР,1959.;Мирзо Маҳдихони Астарободӣ.Ҷаҳонкушои Нодирӣ. Пероиш ва вероиши Монии Кошӣ. Чопи Фароин. Теҳрон,1385.; Муҳаммад Козими Марвӣ. Оламорои Нодирӣ. Ба тасҳеҳ ва бо муқаддима, тавзеҳот, ҳавошӣ ва феҳристҳои аълом ва луғоту истилоҳот аз доктор Муҳаммад Амини Раййоҳӣ. Ҷилди дуюм. Чопи аввал. Теҳрон,1364 ҳ.; Муҳаммад Вафои Карминагӣ. Туҳфаи хонӣ.Дастнависи Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ №1426.;Мирзо Шамси Бухорӣ. Таърихи Бухоро, Хуқанд ва Қошғар. Бо эҳтимоми Муҳаммад Акбари Ошиқ, Теҳрон, 1998.; Муҳаммад Яъқуб ибни амир Муҳаммад Дониёлбӣ. Гулшану-л-мулук. Дастхати Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ, №2663.

**В третью группу** отнесены книги, имеющие важные сведения по освещению периода правления эмира Музаффара и вопросам завоевания Средней Азии царской Россией.[49]

**Научная новизна исследования** отражена в следующих положениях:

– впервые изучается жизнь и деятельность Мирзы Абдулазима Сами в полной мере на основе его работ и их сопоставления с другими источниками и исследованиями;

– научно – критическому анализу подвергнуты текст и содержание "Тухфаи шахи";

– всестороннему анализу подвергнуты письменные копии "Тухфаи шахи", места хранения и время написания, издание рукописи, также анализируются различные существующие копии;

– впервые сведения, отраженные в "Тухфа и шахи" по политической и административной системе Хорасана и Мавераннахра в XYIII – нач. XIX века научно проанализированы, и определена степень ценности указанного произведения в качестве исторического источника;

---

[48] Муҳаммад Шариф ибни Муҳаммад Нақӣ. Тоҷу-т-таворих. Дастхати Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ, №2282.; Мирзо Салимбек ибни Муҳаммад Раҳим. Кашкули Салимӣ. Китобхонаи Пажуҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ,№207.;Ниёз Муҳаммад Хуқандӣ. Таърихи Шоҳрухи. Дастхати Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ №2237.;Олимхоҷа Мирзо Сайидхоҷа мушрифи Бухороӣ.Таърихи амирони мангити Бухоро. Дастхати Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ.№2354.; Мирзо Муҳаммадшариф Садр ибн Абдушукур. Таърих. Дастхати Институти шарқшиносӣ ва мероси хатии АИ Тоҷикистон. № 230\II.;Муҳаммад Содиқи муншии Бухороӣ. Футуҳоти амир Шоҳмурод дар Эрон. Дастхати Маркази мероси хаттии назди Раёсати АМИТ № 1047\II.;Зафарномайи Хусравӣ. Шарҳи ҳукмронии Саид Амир Насруллох Баҳодур Султон бин Ҳайдар дар Бухоро ва Самарқанд, бо тасҳеҳ ва таҳияи Манучеҳри Сутуда. Теҳрон,1377; Муҳаммад, Ҳакимхон. Мунтахаб-ут-таворих (Ба чоп ҳозиркунанда, муаллифи сарсухан ва фехристи асар Е. Кавахара ва К. Хонеда) / Муҳаммад Ҳакимхон.- Токио, 2006; 2009.

[49] Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони мангития. Ба саъю эхтимом ва тасҳеҳи Абдулғанӣ Мирзоев.- Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960.; Мирзо Абдулазими Сомӣ. Таърихи салотини мангитияи доруссалтанаи Бухорои шариф. Дастхати Маркази мероси хаттии АИ Тоҷикистон, №927\III.; Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития./Ба саъй ва иҳтимом ва тасҳеҳи Абдулғанӣ Мирзоев. Сталинобод. 1960. С.13.; Трактат Ахмада Дониша "История Мангитской династии" /Перевод, предисловие и примечания И.А.Наджафовой. Душанбе, 1967.С.27.; Аҳмад махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития. Душанбе,1992. С.8; Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони мангития./Таҳияи матн ба алифбои кириллии тоҷикӣ ва тасҳеҳу тавзеҳот ва шарҳи луғот аз Аҳмад Ҳоҷизодаи Мадрушкатӣ\ Душанбе,2010. Ахмад Дониш. История Мангитской династии. Душанбе, 1967.; Ахмад Дониш. Путешествие из Бухары в Петербург. Избранное. Душанбе, 1960.; Терентьев М.А.История завоевания Средней Азии. В 3-х тт. СПб, 1906; Черкасов А. Защита Самарканда в 1868 г. // Военный сборник. 1870. №9; Туркестанский край. Опыт военного-статистического обозрения Туркестанского военного округа. Материалы для географии и статистики России. Т.III. с двумя чертежами. Состовитель полковник генеральнон штаба А.О.Костенко. С.-Петербург, 1880.; Пашино П. И. Туркестанский край в 1868 году. СПб., 1868.

– “Тухфа – и шахи ” пронализирован как источник по отражению региональной политики и военных походов мангытов на другие территории Центральной Азии во второй половине XYIII – нач. XIX века, и определена степень достоверности данного произведения;

– впервые научно – критическому анализу подвергнута “Тухфа и шахи” в качестве исторического источника по завоеванию Центральной Азии царской Россией и отношений между Россией и Бухарским эмиратом;

– опираясь на сведения Сами проанализированы и сопоставлены с другими источниками методы управления бухарских эмиров, церемония назначения и увольнения государственных чиновников, и социально – экономическое положение эмирата.

с критической точки зрения и в сопоставлении с другими историческими источниками были определены достоверность сведений Сами по завоеванию северных районов Таджикистана и сражений, которые происходили между Бухарой и царской Россией.

– в сопоставлении с другими историческими источниками и научными исследованиями, относящимися к исследуемому периоду, всецело вскрыты недостатки и ошибки, которые противоречат сведениям, приведенным в “Тухфа – и шахи”.

**На защиту выносятся следующие положения:**

1. В книге “Тухфа – и шахи” Мирзы Абдулазима Сами ясно изложено политическое положение областей Средней Азии в последний период правления эмира Хайдара, а также кратковременном правлении Хусайнхана и начало правления эмира Насруллы.

2. В книге даются важные сведения относительно беспорядков и неразберихи, которые возникли после смерти эмира Хайдара в результате образования групп и противоречий между ними. В ходе описания политического положения в Бухарском эмирате, автор использует фразу “подшоҳи гардошӣ”, которая достойна внимания.

3. Автор “Тухфа – и щахи” положительно оценивает метод правления эмиров Шахмурада и Хайдара, и в какой – то степени, он изображает их справедливыми правителями. Причина в том, что указанные эмиры проводили ряд мероприятий, особенно привели в порядок систему налогов и хераджа, и тем самым, дали облегчение другим слоям общества. В этой связи Сами пишет, что эти эмиры привлекли к государственным органам представителей духовенства, в результате постоянных совещаний с ними была прекращена грабежь имущества простолюдинов. Такой метод администрирования и способы выбора государственных чиновников со стороны эмира Хайдара стало причиной недовольства в армейской среде. Поэтому военные постоянно подстрекали народ против эмира и стремились,

к тому, чтобы пожар войны раздувалось все больше и больше, и чтобы эмир занимался кровопролитием и грабежом. В результате, они без особых усилий могли бы накопить и приумножать свое богатство.

4. Мирза Абдулазим Сами изображает эмиров Шахмурада и Хайдара справедливыми, тем не менее, военные походы совершенные ими, а также непрерывные войны в различных регионах полностью отвергает это утверждение. К этим войнам также можно отнести набеги Шахмурада на Мерв, в результате которых было пролито кровь тысячи невинных людей, а сотни остались без крыши над головой.

5. Автор отмечает, что Кокандское и Харезмское ханства, а также правители Шахрисябза и Ура – тюбе, воспользовались сложившимися обстоятельствами и совершали набеги. В результате часть территории Бухарского эмирата они присоединили к своим владениям. В то же время, центробежные силы в “четырех областях”, которые официально подчинялись Бухаре, усилили свои действия. Очень неспокойным соседом Бухары был Шахрисябз. Его правитель Даниял аталик и его заместители, вынужденно признавали центральную бухарскую власть. В реальности они доброжелательно относились к противникам эмирата. Например, предоставляли им убежище и защищали их. В это время между Бухарой и Шахрисябзом происходило много событий. Историки неоднократно упоминают о военных походах эмира Насруллы на Шахрисябз, но при этом они не соблюдают хронологическую последовательность этих событий.

6. Торгово – дипломатические отношения между Средней Азией и Россией имеют долгую историю, но эти отношения стали развиваться особенно с XVI века. Правители обеих государств для продолжения и развития торговли стали устранять все барьеры.

7. Накануне нападения царской России на Среднюю Азию между самостоятельными и полусамостоятельными государствами Центральной Азии царили вражеские отношения. К примеру, бесконечные войны между Бухарским эмиратом и Кокандским ханством стали причиной разрушения многих территорий в обоих ханствах. В том числе, бухарский эмир Насрулла (1826 – 1860) в 1840 и 1842 году напал на Коканд, и в течении одной недели держал город в блокаде, а затем он приказал своим солдатам разграбить его. Сын Насруллы – эмир Музаффар тоже дважды (1862 и 1865) направил свои войска в Коканд, разрушил всю Ферганскую долину (во время первого похода), и дошел до Кашгара.

8. При описании хода российских завоеваний, Сами отмечает, что еще в период правления Насруллы, когда русские закрепились в Сырдарье, придворные посоветовали эмиру выступить против русских, но под

предлогом того, что силы неравны, а захваченные земли не принадлежат Бухарскому эмирату, он отверг это предложение.

**Теоретическое и практическое значение диссертации**, прежде всего в том, что впервые книга “Тухфаи шахи” Мирзы Абдулазими Сами подвергается источниковедческому анализу и определяется ее ценность в качестве исторического источника первой руки. Результаты исследования могут быть использованы при изучении истории XYIII – нач. XIX века, дальнейшем исследование истории Хорасана, Мавераннахра и Бухарского эмирата, в учебном процессе, при чтении лекции, специальных курсов в вузах, подготовки учебных и учебно – методических пособий для преподавателей, а также для составления энциклопедии и книг, в которых будут представлены известные деятели исторической науки. Рекомендации и предложения автора могут быть широко использованы для развития национальной исторической науки и источниковедения.

**Достоверность результатов диссертации** обеспечивается точностью сведений, достаточностью объема исследовательских материалов, разработкой результатов исследования и объемом публикаций, анализом, рассмотрением, а также источниковедческим анализом и научно – критическим подходом. Заключение и рекомендации предложены на основе научнотеоретического и практического анализа.

**Соответствие диссертации с паспортом научной работы**. Тема исследования соответствует паспорту специализации 07.00.09 – Историография, источниковедение и методы исторических исследований (исторические науки).

**Личный вклад соискателя** научной степени выражается в том, что результаты научного анализа и исследование автора, в том числе теоретические выводы, положения, предложенные к защите, непосредственно подготовлены, рассмотрены и аргументированы самим автором.

**Апробация и внедрение результатов диссертации**. Результаты исследования были представлены на международных и республиканских научно – практических конференциях а также других научно – публичных мероприятиях. Диссертация обсуждена и представлена к защите на заседании Отдела древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии НАНТ имени А. Дониша (протокол № 2 от 17 февраля 2021 года) и Совета ученых Института истории, археологии и этнографии НАНТ имени А. Дониша (протокол № 3 от 24 февраля 2023 года).

**Публикации по теме диссертации**. Основные положения диссертации отражены в целом ряде публикаций, в том числе в 5 научных статьях,

опубликованных в рецензируемых журналах ВАК при Президенте Республики Таджикистан, и в 2 статьях, опубликованных в других изданиях.

**Структура и объем диссертации**. Диссертация написана в объеме 167 страниц компьютерного набора, и состоит из трех глав, шести параграфов, заключения, списка источников и использованной литературы (175 наименований).

## ОСНОВНОЕ СОДЕРЖАНИЕ ДИССЕРТАЦИИ

**В введении** обоснованы научное значение диссертации, степень изученности темы и ее источниковедческие основы, цель и задачи исследования, научная новизна, определены объект и предмет исследования, ее теоретическое и практическое значение, методологические и теоретические основы, основные положения, предложенные к защите, хронологические рамки исследования, рассмотрены и определены подтвержденные результаты и структура диссертации.

